“САРДОРИ СИНФ”-И УСТОД ЛОИҚ с. 11

БО ЭРОН ЧӢ ХОҲАД ШУД? с. 4


РОҲИ КӮҲИСТОНИ МАСТЧОҲ КАЙ СОХТА МЕШАВАД? с. 5

ТОҶИКИСТОН

№2 (1667), 14.01.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! Оғози нашр соли 1992



ГЕНЕРАЛЗАН



МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «БУЛЬВАР СКАНДИНАВИЯ»

Sebiston

кӯч. Панҷрӯд, маҳ. 91/92


› **Маҷмаа аз рӯйи лоиҳаи скандинавӣ - тарҳи мухтасар, фасадҳои равшан ва ҳавлиҳои бароҳат сохта мешавад.**

› **Маҷмаа дар марҳилаи аввали сохтмон қарор дошта, бунёди он бомаром идома меёбад.**

› **Сохтмон 3 сол идома меёбад.**

› **Барои харидорон пешпардохти қулай вуҷуд дорад, интихоби табъи дили худро барои зиндагии бароҳат имрӯз кунед.**

Телефони шуъбаи фурӯш:
(+992) 122-122-122



ДАР ИН ШУМОРА:

ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ
Кӣ куҷо рафт? с.3

ҲАҶ - 2026
Аз нарх то ҳушдори кумита с.5

«ЗАРАФШОН»
70% тилои Тоҷикистонро истеҳсол мекунад с.7

60 РӮЗ
Равуои шаҳрвандони Тоҷикистон ва Қирғизистон осон шуд с.3

«АРХЕОЛОГИЯИ СИЁҲ»
Чаро қабули қонун муҳим аст? с.8

ФОҶЕА
Аз қатли варзишгар то марги судя с.10

ВАРЗИШ
Тақвими мусобиқаҳои бузург дар соли 2026 с.15

КАНЗИ ШИФО
6 маҳсулоти муфид дар зимистон с.14

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР, Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

Матлубахон САТТОРИЁН, Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шералӣ КАБИР, Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА, президенти АМИТ, академик

Муҷибахон ҶАВҲАРӢ, раиси Кумита оид ба масъалаҳои ичтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дилбар ОДИЛЗОДА, муовини раиси шаҳри Душанбе

Заробиддин ҚОСИМӢ, Сардори ҳадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА, Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

Носирҷон САЛИМӢ, академик

Гулсифат ШАҲИДӢ, нависанда

Рафоэл НЕКТАЛОВ, Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

Иноят ИНОЯТОВ, ҳуқуқшинос

Усмон РАҲИМЗОДА, сармуҳаррири pressa.tj

Одил НОЗИР, муҳаррир

Фирдавс САТТОРОВ, Саҳифабанд

МУАССИС: Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

САБУКӢ БА РОНАНДАГОНИ ТОҶИКИСТОНУ ЭРОН

Аз аввали моҳи марти соли ҷорӣ Тоҷикистон ва Эрон реҷаи раводидро барои ронандагони ҳамлу нақли байналмилалии якдигар бекор менамоянд.

Ин тасмим дар асоси қарорҳои ҳукуматҳои ду кишвар ва созишномаи дуҷониба қабул шудааст.

Ба иттилои Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон, минбаъд ронандагон ва ёвари ронандагони мошинҳои боркаши байналмилалӣ, ки дорои шиносномаи Тоҷикистон ё Эрон мебошанд, метавонанд бидуни раводид тавассути ҳамаи гузаргоҳҳои марзӣ ба қаламрави якдигар ворид шаванд.

Тибқи тартиби нав, ронандагони тоҷику эронӣ ҳуқуқ доранд то 30 рӯз дар ҳар давраи 90-рӯза бидуни гирифтани раводид дар қаламрави кишварҳои якдигар иқомат кунанд.

Ин тадбир ба осон гардидани ҳамлу нақли байналмилалӣ, таҳкими ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва баланд бардоштани самаранокии логистика миёни ду кишвар мусоидат хоҳад кард.

400 МВТ «ЭНЕРГИЯИ САБЗ» БА ТОҶИКИСТОН МЕОЯД

Тоҷикистон бо ширкати «Masdar» аз Имороти Муттаҳидаи Араб масъалаи бунёди нерӯгоҳи офтобӣ бо иқтидори 400 МВт-ро баррасӣ кард.

Музокирот 14-уми январ дар шаҳри Абу Забӣ бо иштироки Манучеҳр Сафарзода, муовини вазири энергетикаи Тоҷикистон баргузор шуд.

Ба иттилои Вазорати энергетика, ҷонибҳо таъкид карданд, ки бунёди нерӯгоҳи офтобӣ ба афзоиши иқтидорҳои тавлиди «энергияи сабз», диверсификатсияи манбаъҳои энергетикӣ ва устувории низоми энергетикии кишвар мусоидат хоҳад кард.

Ҳамчунин, Манучеҳр Сафарзода омодагии Тоҷикистонро барои фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи татбиқи лоиҳаҳои энергетикаи баркароршаванда изҳор намуд.

РАВУОИ ТОҶИКОН БАРОИ ТАБОБАТ БА ЎЗБЕКИСТОН

Миёни шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ӯзбекистон бо ҳадафи табобат сафар намудаанд, шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҷойи аввал қарор доранд.

Тибқи иттилои Агентии миллии омори Ӯзбекистон, омори шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар ин кишвар табобат гирифтаанд, ба 55,8 ҳазор нафар мерасад.

Дар маҷмуъ, тайи соли 2025 беш аз 80 ҳазор шаҳрванди хориҷӣ барои табобат ба Ӯзбекистон сафар кардаанд. Бо ин ҳисоб, шаҳрвандони Тоҷикистон зиёда аз 66 дарсади шумораи умумии хориҷиёнеро ташкил медиҳанд, ки барои табобат ба ин кишвар омадаанд.

Дар ҷойи дуюм шаҳрвандони Қирғизистон бо 14,2 ҳазор нафар ва дар ҷойи сеюм шаҳрвандони Қазоқистон бо 7,6 ҳазор нафар қарор доранд. Аз Русия бошад, 1,8 ҳазор нафар барои табобат ба Ӯзбекистон сафар кардаанд. Қобили зикр аст, ки пас аз бехтар шудани равобити Тоҷикистону Ӯзбекистон ва боз шудани марзҳо равуои шаҳрвандони ду кишвар ба таври назаррас афзоиш ёфтааст.



ТОҶИКИСТОН РАЁСАТИ АВИАТСИЯИ ИДМ-РО БА УҲДА ГИРИФТ

Аз 1-уми январи соли 2026 раёсати Шуро оид ба авиатсия ва истифодаи фазои ҳавоии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ба Тоҷикистон гузашт. Салоҳиятҳои раёсат аз Федератсияи Русия ба Тоҷикистон интиқол ёфта, муҳлати он се солро ташкил медиҳад.

Фаъолияти Шуро дар давраи раёсати Тоҷикистон таҳти роҳбарии намояндаи ваколатдор - директори Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳабибулло Назарзода амалӣ мегардад.

Дар Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд, ки ин раёсат масъулияти мутахассисони соҳаи авиатсияи гражданиро боз ҳам бештар намуда, ба рушди авиатсияи кишвар ва таҳкими мавқеи он дар арсаи байналмилалӣ мусоидат хоҳад кард.

Ёдовар мешавем, ки моҳи ноябри соли 2025 дар шаҳри Москва зимни ҷаласаи 47-уми Шуро оид ба авиатсия ва истифодаи фазои ҳавоии ИДМ қарор дар бораи вогузор намудани раёсати Шуро ба Тоҷикистон қабул гардида буд.

САРИ САБЗ



Абдукарим МАШРАБОВ,
директори Театри Лоҳутӣ

- Боре Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон Фирӯз Умаров баъд аз намоиш ба ҷои калиди хонаашон калиди утоқи кории Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон Ортиқ Қодирро гирифта мераванд. Дар театр Ортиқи Қодир чанд соат калид мекобанд, вале намеёбанд.

- Ҳаҳаҳаҳ, барои кор дар театрҳо ана ҳамин хел мутахассисоне чун Фирӯз Умаровро ҷалб кардан лозим. Ин ба манфиати самаранокии кор дар театр мешавад. То барои калиди хона гашта омадани Умаров устод Ортиқ Қодир чанд соати дигар кор кардагистанд.



Абдулазиз АВЕЗОВ,
барномасози ҷавони тоҷик

- Вақти боргирии навору барномаҳо бо асабоният вақти зиёд сарф мекунам. Ҳоло на ҳамаи калонсолону кӯдакон аз интернет истифода мебаранд. Аммо дар ду соли оянда, агар як миллион нафар аз як намуди симкорт ба интернет пайваст шаванд, оё интернет тавони бардошташро дорад, дар гумон аст.

- Барои ҳамин, шумо ки барномасоз ҳастед, аз ҳоло ба сохтани барномае оғоз намоед, ки барои хуб ба роҳ мондани хати интернету дар шароити фаъол кор кардани он кумак расонад.



Муродалӣ БОБОҚУЛОВ,
пайрави сабки Брюс Ли

- Агар ба ман он образҳое, ки ба Брюс Ли пешниҳод шуда буд, пешниҳод намоянд, бо ҷону дил қабул мекунам. Ё дар дигар филмҳои фантастикӣ даъват кунанд, барои ҳунарнамоӣ розӣ ҳастам. Тақлиди кӯр-кӯрона не, балки офариниши образи нав бо истифодаи унсурҳое, ки дар филмҳои Брюс Ли кам дида мешаванд.

- Ваҳ-ваҳ, хуш ба ҳолатон! Худбаҳодиҳӣ хуб аст, боз дар сурате, ки худбаҳодиҳии мусбат бошад. Мардум ҳатман аз шумо образҳои наверо интизор хоҳанд шуд, ки ҳатто шогирдони Брюс Лиро ба ҳайрат оранд.

ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ

Аз се муовини вазири корҳои хориҷӣ то судяҳо



12-уми январи соли равон Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ ва дигар сохторҳои давлатӣ чанд нафарро аз вазифа озод ва нафарони дигарро ба ҷойи онҳо таъин кард.

Бо қарори Ҳукумати кишвар се муовини вазири корҳои хориҷӣ нав шуданд. Идибек Қаландар муовини вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон таъин шуд, ки номбурда то ин дам Сафири Тоҷикистон дар Вена буд.

Нигина Ализода аз вазифаи муовини якуми вазири адлияи Тоҷикистон озод ва муовини вазири корҳои хориҷӣ таъин шуд. Саноӣ Бойзода низ муовини вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон таъин гардид. Ӯ то ин замон намояндаи Тоҷикистон дар Кумитаи иҷроияи Фонди байналмилалии наҷоти Арал буд.

Ҳамчунин, бо қарори Ҳукумати кишвар Раъно Ҳошимзода директори Институти илмию таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон таъин шуд. Қаблан дар ин вазифа Илҳомуддин Иброҳимзода фаъолият мекард ва охири соли гузашта ректори Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия таъин гардида буд.

Довуд Ализода ба ҷойи Хурсанд Содиқзода муовини якуми директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Дилором Муқимӣ ба ҷойи Дилафрӯз Назарализода муовини дигари директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм таъин шуданд.

Мирзошо Ҳукматов “бо сабаби ба нафақа баромадан” аз вазифаи директори генералии “Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Тоҷикистон” озод шуда, Некрӯз Назирзода ба ин вазифа таъин гардид.

Фарангис Шарифзода низ “бо сабаби ба кори дигар гузаштан” аз вазифаи муовини директори Маркази миллии қонунгузории Тоҷикистон озод ва Парвиз Абдуллозода ба ҷойи ӯ муовини директор таъин шуд. Комрон Ҷамшедзода ба вазифаи муовини якуми директори ин ниҳод таъин гардидааст.

Бо фармони Президенти кишвар раисони суд, судяҳои иқтисодӣ ва судяҳои чанд шаҳру ноҳия аз вазифа озод ва ба вазифаҳои дигар таъин гардиданд. Аз ҷумла, Президенти кишвар ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод кард, ки Муҳаммадҷалолиддин Кенҷазода ва Сафарбек Ғуломзода, судяҳои Суди Олӣ “бинобар ба охир расидани мӯҳлати ваколаташон” бозхонд шуда, аз нав ба ин вазифа интихоб гарданд. Ҳамчунин, интихоби Одил Нурализода, судяи Суди иқтисодии Душанбе ба вазифаи судяи Суди Олии иқтисодӣ ба парлумони кишвар пешниҳод шудааст.

Саидҳоча Шарифзода барои “содир намудани кирдоре, ки шаъну эътибори судяро паст мезанад”, аз вазифаи судяи Суди шаҳри Роғун озод карда шуд.

Ҳамчунин, **Икром Раҳмонзода** аз вазифаи *судяи Суди ноҳияи Хуросон,* **Одил Нурализода** аз вазифаи *судяи Суди иқтисодии шаҳри Душанбе,* **Маҳинабону Сафарзода** аз вазифаи *раиси Суди шаҳри Норак* “бо сабаби ба кори дигар гузаштан” озод шудаанд.

Ҳамза Акрамзода бо сабаби расидан ба синни ниҳоии дар вазифаи судя будан аз вазифаи судяи *Суди шаҳри Кӯлоб* озод шудааст.

Аҳмад Бобозода низ аз вазифаи *судяи Суди ноҳияи Сино* озод шудааст. Аммо сабаби барканориаш ва вазифаи дигари ӯ гуфта намешавад.

Раисони суд ва судяҳои зерин аз вазифа озод ва ба вазифаи нав таъин шудаанд:

- **Гулбону Саидзода** аз вазифаи *раиси Суди ноҳияи Шоҳмансур*и пойтахт озод ва *раиси Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе* таъин шудааст;

- **Муҳаммад Мирзозода** аз вазифаи *раиси Суди шаҳри Исфара* озод, ба ҷойи **Гулбону Саидзода** *раиси Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе* таъин шудааст;

- **Акбаралӣ Каримӣ** аз мансаби *раиси Суди ноҳияи Мурғоби ВМКБ* озод ва *раиси Суди ноҳияи Шаҳристон* таъин шудааст;

- **Раҳимшо Ғарибшозода** аз вазифаи *муовини раиси Суди иқтисодии ВМКБ* озод ва *раиси Суди ноҳияи Мурғоб* таъин шудааст;

- **Аҳлиддин Назарзода** аз вазифаи *судяи вилояти Хатлон* озод ва *раиси Суди ноҳияи Вахш* таъин шудааст;

- **Фарҳод Наимзода** аз вазифаи *судяи ноҳияи Ёвон* озод ва раиси *Суди ноҳияи Ховалинг* таъин шудааст;

- **Аличон Ҳамдамзода** аз вазифаи *муовини раиси Суди ноҳияи Ёвон* озод ва *раиси Суди шаҳри Норак* таъин шудааст;

- **Муҳаммад Салимзода** аз вазифаи *раиси Суди ноҳияи Сангвор* озод ва *раиси Суди ноҳияи Рашт* таъин шудааст;

- **Бахтиёр Искандарзода** аз вазифаи *раиси Суди иқтисодии вилояти Хатлон* озод ва *раиси Суди ноҳияи Рӯдакӣ* таъин шудааст;

- **Раҳмоналӣ Исмоилзода** аз вазифаи муовини *раиси Суди иқтисодии вилояти Суғд* озод ва *муовини раиси Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон* таъин шудааст;

- **Фаррух Хоҷазода** *судяи Суди иқтисодии вилояти Хатлон* таъин шудааст;

- **Сухроб Нурализода** *судяи Суди ноҳияи Мастчоҳ* таъин шудааст;

- **Нодир Назирзода** *судяи Суди вилояти Хатлон* таъин шудааст;

- **Рустам Садирзода** *муовини раиси Суди ноҳияи Ёвон* таъин шудааст;

- **Муродҷон Рачабзода** *судяи Суди вилояти Суғд* таъин шудааст;

- **Амриддин Сафозода** с*удяи Суди вилояти Суғд* таъин шудааст;

- **Сӯхроб Хайруллозода** *муовини раиси Суди ноҳияи Ҷаббор Расулов* таъин шудааст;

- **Одинашоҳ Аёмзода** *судяи Суди ноҳияи Ховалинг* таъин шудааст;

- **Содиқ Саидназарзода** *судяи Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе* таъин шудааст;

- **Бахтиёр Наимзода** *судяи Суди иқтисодии вилояти Суғд* таъин шудааст;

- **Сухроб Қурбонализода** *судяи Суди ноҳияи Сино* таъин шудааст;

- **Маҳмадҷони Ҳасанзод** *судяи Суди ноҳияи Ёвон* таъин шудааст;

- **Саидасрор Ҷалилзода** с*удяи Суди ноҳияи Хуросон* таъин шудааст;

-**Саидбасир Ҳабибзода** *судяи Суди ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ* таъин шудааст.

60 РӮЗ БЕ БАҚАЙДГИРӢ

рафтуомади шаҳрвандони Тоҷикистону Қирғизистон осон гардид

Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаеро ба тасвиб расонд, ки тартиби будубоши шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳудуди Қирғизистон ва шаҳрвандони Қирғизистон дар ҳудуди Тоҷикистонро танзим мекунад. Тибқи ин санад шаҳрвандони ҳар ду кишвар метавонанд то 60 рӯз бидуни бақайдгирии расмӣ дар қаламрави ҳамдигар будубош намоянд.

Ба иттилои Парлумони Тоҷикистон, сухан дар бораи «Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи тартиби будубоши шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Қирғизистон ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» меравад, ки ҳанӯз 1-уми феврали соли 2018 имзо шуда, рӯзи 9-уми январи соли 2026 расман тасвиб гардид.

Зимни муаррифии тарҳи қонун дар назди вакилон, муовини аввали вазири корҳои дохилии Тоҷикистон таъкид кард, ки ин созишнома ба рушди минбаъдаи муносибатҳои дӯстона, танзими ҳуқуқии сафарҳои шаҳрвандон ва фароҳам овардани шароити мусоид барои будубоши шаҳрвандони ҳар ду кишвар дар қаламрави якдигар мусоидат хоҳад кард.



Ба гуфтаи ӯ, дар санади мазкур мӯҳлатҳои аз уҳдадории бақайдгирӣ озод гардидани шаҳрвандон, тартиби будубоши муваққатӣ, номгӯи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқдиҳанда барои ворид шудан ба қаламрави кишварҳо ва дигар меъёрҳое пешбинӣ шудаанд, ки будубоши қонунии шаҳрвандонро мутобиқ ба талаботи шартномаҳои байналмилалӣ ба танзим медароранд.

Дар сомонаи парлумон омадааст, ки тибқи ин созишнома шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон то 60 рӯз бе сабти расмӣ метавонанд дар қаламрави кишварҳои ҳамдигар қарор дошта бошанд. Ба гуфтаи масъулон, чунин танзими ҳуқуқӣ ба ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои шаҳрвандони ҳар ду давлат мусоидат мекунад.

Коршиносон бар ин назаранд, ки қабули ин санад на танҳо барои осон шудани равуои шаҳрвандон, балки барои таҳкими эътимод, робитаҳои мардумӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ байни ду кишвар аҳамияти муҳим дорад.

Ёдовар мешавем, ки Тоҷикистон ва Қирғизистон пас аз чанд соли баҳсҳои марзӣ дар масъалаи мушаххассозии хати сарҳад ба созиши ниҳоӣ расиданд. Моҳи марти соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Содир Жапаров дар шаҳри Бишкек созишномаи ниҳоӣ дар бораи марзи давлатии ду кишварро имзо карданд. Ин рӯйдод ҳамчун як қадами таърихӣ дар роҳи субот, ҳамсоягии нек ва рушди ҳамкориҳои минтақавӣ арзёбӣ мешавад.

Қабули созишномаи нав оид ба будубоши шаҳрвандон идомаи мантиқии ҳамин раванд буда, нишонаи ворид шудани муносибатҳои Тоҷикистону Қирғизистон ба марҳилаи нави эътимод ва ҳамкорӣ арзёбӣ мегардад.

ТАҲРИМҲО
аз соли 1979 то имрӯз

Таҳримҳо алайҳи Эрон аз ҷониби СММ, Иттиҳоди Аврупо, ИМА ва муттаҳидонаш аз соли 1979 то имрӯз:

Соли 1979

› ИМА дороиҳои Эронро таҳрим кард. 12 млрд доллар пули Эрон дар бонкҳои Амрико масдуд шуд.

Соли 1980

› Қариб тамоми тиҷорати байни ИМА ва Эрон манъ карда шуда, воридоти нафт боздошта шуд. Содироти технология ва таҷҳизоти низомӣ ба Эрон манъ карда шуд.

› Савдо ва технологияи нафт манъ карда шуда, муносибатҳои дипломатӣ қатъ ва Сафорати ИМА баста шуд. Муносибатҳои расмӣ то имрӯз барқарор нашудааст.

Соли 1984

› ИМА тиҷорати Эронро маҳдуд кард. Иттиҳодияи Аврупо дар фурӯши силоҳ маҳдудият ҷорӣ кард ва равобити низомиро мутаваққиф кард.

› Ҳамин сол ИМА Эронро "давлати сарпарасти терроризм" эълон кард. Фурӯши яроқ комилан манъ карда шуд. Қарзҳои байналмилалӣ, кумаки Хазинаи байналмилалии асъор ва Бонки ҷаҳонӣ маҳдуд шуд. Ҳамкории иқтисодӣ ва ҳарбӣ манъ карда шуд. Соли 1987 ИМА воридоти ҳамаи молҳо (хусусан нафт) аз Эронро манъ кард. Маҳдудиятҳо дар нақлиёти баҳрӣ ва суғурта.

Соли 1995

› Санксияҳои Клинтон.

› Ба ширкатҳои амрикоӣ сармоягузорӣ ба нафту гази Эрон комилан ва қариб тамоми тиҷорат бо Эрон манъ карда шуд.

Соли 1996

› Қонуни ILSA / ISA

› На танҳо ИМА, балки ширкатхои хориҷӣ, ки ба Эрон маблағгузорӣ кардаанд, таҳрим шуданд. Ин оғози таҳримҳои дуюмдараҷа буд.

Солҳои 2002-2005

› Барномаи ҳастаӣ оғоз шуд. Аврупо (Фаронса, Олмон, Британиё) фишор болои Эронро афзоиш дод. Гуфтушуниди ядроӣ оғоз ёфт. Маҳдудиятҳо ба фанноварихои ҳарбии Эрон афзоиш ёфт.

Солҳои 2006-2010

› Таҳримҳои Шурои Амнияти СММ. Қарорҳои 1737, 1747, 1803, 1929.

› Савдои ҳастаӣ, мушакӣ, бонкӣ, нақлиёт ва силоҳ маҳдуд карда шудааст. Дороиҳои Эрон мунҷамид шуданд (ях бастанд).

Солҳои 2011-2013

› Иттиҳодияи Аврупо хариди нафти Эронро қатъ мекунад. Бонкҳои Эрон аз SWIFT қатъ шуданд.

› Риёл якбора бекурб шуд.

Соли 2015

› JCPOA (созишномаи ҳастаӣ)

› Таҳримҳои ҳастаии СММ ва ИА муваққатан лағв шуданд.

Соли 2018

› ИМА аз JCPOA хориҷ мешавад. Ҳама таҳримҳои ИМА барқарор карда шуданд. Маҳдудиятҳои шадид дар содироти нафт, санксияҳои дуюмдараҷа боз пурзӯр карда мешаванд.

Солҳои 2019-2020.

› Сипоҳи посдорони инқилоби исломӣ як созмони террористӣ эълон карда мешавад ва генерал Қосим Сулаймонӣ кушта мешавад. Таҳримҳои ҳарбӣ ва молиявӣ васеъ карда шуданд.

Соли 2022

› Таҳримҳои нав бо баҳонаи ҳуқуқи инсон ҷорӣ карда шуданд. Ба ин мансабдорон, пулис ва адлия дохил мешаванд.

Солҳои 2023-2024

› Таҳримҳо барои интиқоли ҳавопаймоҳои бесарнишин ба Русия. Ҳама таҳримҳои СММ дар солҳои 2006-2010 ба таври худкор барқарор карда шуданд. Силоҳ, мушакҳо, бонкҳо, дороиҳо ва технологияҳо ҳадаф қарор гирифтанд.





БО ЭРОН ЧӢ ХОҲАД ШУД?

Вазъияти Ҷумҳурии Исломии Эрон дар пасманзари тазоҳуроти дохилӣ ва таҳдидҳои пайвастаи Амрико ва Ғарб чанд рӯзи охир муташанниҷ аст. Феълан ҷомеаи ҷаҳон ҳама ҳаводиси Эронро пайгирӣ мекунанд ва дар зеҳни ҳама як суол мечархад: "Бо Эрон чӣ хоҳад шуд?". Зеро Амрико ва Ғарб бепарда ба низоми исломӣ таҳдид мекунанд…

ОҒОЗИ ЭЪТИРОЗОТ

Эътирозот дар Эрон рӯзи 28-уми декабри соли 2025 оғоз шуд. Ба иттилои Агентии расмии хабарии Эрон (IRNA), тоҷирони бозори калони Теҳрон дари дӯконҳои худро пӯшида, аз вазъи иқтисодии кишвар эътироз карданд.

Ба иттилои расонаҳо, сабаби асосии эътирозот уфти арзиши пули риёл (пули миллии Эрон) ва афзоиши таваррум аст. Риёли эронӣ рӯзи 28-уми декабр то 1,42 миллион риёл барои як доллари амрикоӣ расид, ки ин гуна уфти арз бесобиқа буд. Ба маълумоти Al Jazeera, нисбат ба 6 моҳи қабл арзиши риёл 56% паст шуд.

ВАЗЪИЯТИ МУТАШАННИҶ

Вале ин эътирозот пас аз як ҳафта ба аксари шаҳрҳои Эрон доман паҳн кард ва талаби муътаризон аз масоили иқтисодӣ ба сиёсӣ гузашт. Муътаризон талаби канор рафтани низоми исломӣ ва баргаштани Шоҳзода Ризо - валиаҳди Муҳаммадризошоҳи Паҳлавиро мекарданд. Ин талаби муътаризон аз он оғоз шуд, ки дар пасманзари вазъияти печида Шоҳзода хеле фаъол шуд ва бо изҳороти тезутундаш мардумро ба хиёбон ва алайҳи ҳукумат даъват кард. Дар шаҳрҳои Амрикову Аврупо ҳам эрониёни муҳоҷир ба эътироз баромаданд ва аз Паҳлавӣ дифоъ карданд. Мақомоти Амрико ҳам дар рӯзҳои аввал хабарҳое пахш карданд, ки Доналд Трамп қарор аст бо Ризо Паҳлавӣ вохӯрад.

Дар натиҷа эътирозгарон дар Эрон ба оташ задани масоҷид, иншоот, бемористон, сӯхтани "Қуръон", тахриби муҷассамаҳо ва дигар ҷиноятҳо даст заданд.

Алии Хоманаӣ, роҳбари олии Эрон рӯзи 3-юми январи 2026 барои аввалин бор дар бораи эътирозот изҳорот дод ва таҷаммуъи мардумро ба ду гурӯҳ ҷудо кард: эътирозгарон ва ошӯбгарон.

"Мо бо эътирозгарон суҳбат мекунем, мақомдорон бояд бо онҳо суҳбат кунанд. Вале суҳбат бо ошӯбгарон фоидае надорад. Ошӯбгаронро бояд ба ҷояшон нишонд",- изҳор дошт Алии Хоманаӣ.

Роҳбари олии Эрон иброз дошт, ки дар ин таҷаммуъи мардум "дасти хориҷиён" шарик аст ва таъкид дошт, ки "мо ба душманон тан намедиҳем. Бо такя ба Худо, бо пуштибонии мардум, душманро ба зону дармеорем".

Раисҷумҳури Эрон Масъуди Пизишкиён ҳам даст доштани хориҷиёнро дар тазоҳурот дар Эрон баён кард ва мардуми кишварашро ба роҳпаймоии миллии муқовимат даъват кард. Ин роҳпаймоӣ 12-уми январ баргузор шуд.

Ҳоло мақомоти Эрон эълон карданд, ки вазъи кишварро таҳти контрол гирифтаанд. Садҳо нафар дар ҳаводиси ахир боздошту кушта шуданд.

ТАҲДИДИ ТРАМП

Президенти ИМА Доналд Трамп дар рӯзҳои охир нисбати ҳаводиси Эрон изҳороти гуногун пахш мекунад, ки мавқеи аниқи ӯро баён намекунад. Рӯзи сешанбеи 13-уми январ аз эрониён даъват кард, ки ба эътирозҳои худ идома диҳанд. Трамп дар паёмаш ба мардуми Эрон ваъда дод, ки "кумак дар роҳ аст", аммо ҷузъиёти бештар надод. Расонаҳо навиштанд, ки Амрико то 96 соати дигар ба Эрон ҳамла мекунад.

Вале коршиносон бар он ҳастанд, ки Амрико дар ин шароит ба Эрон ҳамла нахоҳад кард.

Раисҷумҳури Амрико ҳамчунин хабар дод, ки ҳама вохӯриҳо бо мақомҳои эрониро "то замони қатъ шудани куштани эътирозгарон" лағв кардаст.

РИЗО ПАҲЛАВӢ КИСТ?

Ризо Паҳлавӣ, ки муътаризон дар рӯзҳои охир хостори бозгашти ӯ ба Эрон ҳастанд, шоҳзодаи муҳоҷири Эрон аст. Ӯ 31-уми октябри соли 1960 дар шаҳри Теҳрон ба дунё омадааст. Писари калонии Муҳаммадризошоҳи Паҳлавӣ, охирин шоҳи Эрон ва Фараҳ Паҳлавӣ мебошад. Дар соли 1967 расман ба унвони валиаҳди Эрон таъин шуд.



Дар остонаи Инқилоби исломии соли 1979 Ризо Паҳлавӣ барои таҳсили ҳарбӣ ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико рафт. Пас аз сарнагун шудани низоми подшоҳӣ ва ба муҳоҷират рафтани хонаводаи шоҳӣ, ӯ дигар ба Эрон барнагашт. Баъди вафоти падараш дар соли 1980, Ризо Паҳлавӣ дар муҳоҷират ҳамчун вориси рамзии тахти Эрон шинохта шуд. Ӯ солҳои тӯлонӣ дар байни ҷомеаи эрониёни муҳоҷир фаъол буда, худро ҳамчун чеҳраи мухолифи режими Ҷумҳурии Исломии Эрон муаррифӣ мекунад. Ӯ бо мақомоти исроилӣ, ки душмани сарсахти Эрон ва низоми исломӣ аст, робитаи наздик дорад ва дар ин авохир бо яҳудиён робитаи хонаводагӣ барқарор кард. Паҳлавӣ дар ин авохир хеле фаъол шуд ва тарафдоронаш низ хоҳони бозгашти ӯ ба Эрон ҳастанд. Вале бисёре аз коршиносон бар онанд, ки Ризо Паҳлавӣ лоиқ ба роҳбарии Эрон нест, зеро дар ин кишвар зиндагӣ накардааст. Доналд Трамп ҳам гуфт, ки ҳанӯз ӯро ҳамчун роҳбари Эрон намебинад.

АЗ НАРХИ ҲАҶ ТО ҲУШДОР КУМИТА

Нархи сафари ҳаҷи фарзӣ барои шаҳрвандони Тоҷикистон дар соли 2026-ум 53 ҳазор сомонӣ муайян гардидааст, ки нисбат ба соли гузашта 3 ҳазору 800 сомонӣ арзонтар аст. Соли 2025 арзиши сафар барои адои ҳаҷи фарзӣ 56 ҳазору 800 сомонӣ буд.



Афшини Муқим, сухангӯи Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим мегӯяд, ки маблағи сафари ҳаҷ ғайринақдӣ тавассути “Ориёнбонк” пардохт карда мешавад.

“Арзиши хидматрасониҳои сафар ба Ҳаҷ-2026 53 ҳазор сомонӣ муқаррар шуд. Ин нархнома моҳи декабри соли гузашта тасдиқ шуд ва аллакай довталабон маблағи худро супоридаанд”,- гуфтааст Афшини Муқим.

Ба гуфтаи ӯ, “тибқи талаботи ҷониби Арабистони Саудӣ ҳамаи кишварҳои мусулмоннишин қабули ҳуҷҷатҳо дар мавсими Ҳаҷ-2026-ро бар-вақттар оғоз кардаанд. Дар Тоҷикистон ҳам як моҳи охир зоирон ҳуҷҷатҳои худро супорида, маблағҳоро пардохт кардаанд. Қабули ҳуҷҷатҳо тамом шудааст ва зоирон ба сафари ҳаҷ омодагӣ мебинанд”.

Сафари зоирон ба Арабистони Саудӣ тақрибан дар моҳи майи соли равон сурат мегирад.

Афшини Муқим гуфт, ки Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросим ҷиҳати интихоби роҳбаладон барои мавсими Ҳаҷ-2026 озмун эълон кардааст. Барои роҳбаладон талаботи зерин муайян шудааст:

- огоҳии комил доштан аз маносики ҳаҷ;

- доштани малака ва маҳорати хуби ташкилотчигиву муошират бо зоирин;

- донистани забони арабӣ ё англисӣ дар сатҳи муошират.

Ба гуфтаи ӯ, дар озмуни роҳбаладони мавсими Ҳаҷ-2026 шаҳрвандони то 60-сола иштирок карда метавонанд. Бартарият ба нафароне дода мешавад, ки камтар аз 3 маротиба ба ҳайси роҳбалад ва ё зоир ба ҳаҷ сафар кардаанд. Хоҳишмандон метавонанд ҳуҷҷатҳои худро то 20-уми январ ба ин ниҳод пешниҳод намоянд.

Бояд гуфт, ки тибқи тартиби нави ҷоринамудаи Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба афроде, ки бо роҳҳои ғайрирасмӣ барои адои маносики ҳаҷ сафар мекунанд, ҷарима, ҳабс ба муддати шаш моҳ, инчунин ихроҷ бо маҳрумият аз ҳуқуқи воридшавӣ ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба муддати 10 сол таҳдид мекунад.

Дар робита ба ин, Кумитаи дин аз ҳамватанон хоҳиш дорад, ки “ба таблиғоти бардурӯғи афроди манфиатхоҳ дода нашаванд, то ба доми фиреби онҳо наафтанд”.

РОҲИ КӮҲИСТОНИ МАСТЧОҲ КАЙ ТАЪМИР МЕШАВАД?



Тоҷикистон барои таъмир ё бозсозии роҳи мушкилгузари Айнӣ-Кӯҳистони Мастчоҳ бо як ширкати кувайтӣ шарнома бастааст. Дар ин бора Вазорати нақлиёти Тоҷикистон хабар медиҳад. Сокинон аз вазъи роҳи мазкур борҳо шикоят кардаву “Тоҷикистон” аз ин мушкилӣ чандин матлаб ба нашр расонида буд.



Вазорати нақлиёти Тоҷикистон 13-уми январ хабар дод, ки созишмнома байни ниҳод ва ширкати NARCO-и Кувайт 29-уми декабри соли 2025 имзо шуда буд ва аз 12-уми январи соли 2026 эътибор пайдо кард.

Ба иттилои манбаъ, дарозии роҳ 162 км аст. Сохтмони он дар ду қисмат, аз ноҳияи Айнӣ то маркази ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ ва аз он ҷо то деҳаи Деҳҳисори ин ноҳия ба нақша гирифта шудааст. Ҳамзамон, ба қавли мақомот, дар тӯли роҳи Айнӣ-Кӯҳистони Мастчоҳ бунёди 27 пули мошингузар ва 405 қубури обгузар дар назар аст.

Вале ҳанӯз маълум нест, ки бунёди роҳ кай оғоз мешавад. Як манбаъ аз Вазорати нақлиёти Тоҷикистон гуфт, ки ширкати машвартии NARCO-и Кувайт ҳамроҳ бо Пажӯҳишгоҳи лоиҳакашии иншооти нақлиётӣ - ПЛИН-и Вазорати нақлиёт ба таҳияи лоиҳаи роҳ шуруъ кардаанд ва баъди анҷоми лоиҳа сохтмони роҳ оғоз хоҳад шуд.

Ёдовар мешавем, ки роҳи мошингарди Айнӣ-Кӯҳистони Мастчоҳ дар замони шуравӣ бунёд шуда, солҳои охир валангор аст.

Сокинони ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ борҳо аз вазъи бади ин роҳ шикоят кардаанд. Махсусан дар давраи зимистон сокинон азият мекашанд. “Тоҷикистон” ҳам борҳо дар мавриди ҳолати ин роҳ ва азоби сокинон мавод нашр кардааст.

РЕЗААХБОР

13-уми январ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо як зумра аз бостоншиносон, таърихнигорон, фарҳангшиносон ва дигар намояндагони илму адаб воҳӯрӣ анҷом дод. Дар мулоқот масъалаи бунёди Маҷмааи эҳёи хотираи таърихӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ дар шаҳри Душанбе мавриди муҳокима қарор гирифт.

***

Айни замон дар Тоҷикистон 71 корхонаи ватанӣ истеҳсоли 634 намуди дору ва молҳои тиббиро ба рох мондаанд. Дар соли 2025 ба хориҷ ба маблағи беш аз 27 миллион сомонӣ аз ҷониби ширкатҳои фарматсевтии Тоҷикистон дору ва моддаҳои фаъоли биологӣ содирот шудааст. Дар ин бора вазири тандурустии кишвар Ҷамолиддин Абдуллозода дар ҷаласае, ки натиҷаҳои соли 2025 баррасӣ гардиданд, хабар дод.

***

31-уми январ дар Боғи ба номи Абулқосим Фирдавсии шаҳри Душанбе ҷашни Сада баргузор мегардад. Дар ин бора аз Вазорати кишоварзии Тоҷикистон хабар медиҳанд. Дар доираи ин чорабинӣ намоиши тухмии зироатҳои кишоварзӣ, намоиш-фурӯши ниҳол ва барномаи фарҳангӣ баргузор мешавад.

***


Дар 18 шаҳру ноҳияи вилояти Суғд “Маркази оши палов” сохта мешавад. Ин нуктаро рӯзи 12-уми январ Раҷаб Аҳмадзода, раиси ин вилоят дар маҷлиси фаъолони Суғд таъкид кардааст. Марказҳои ош қарор аст ба хотири рушди сайёҳӣ то 35-солагии Истиқлоли кишвар бунёд шаванд. Ҳоло “Маркази оши палов” фақат дар шаҳри Хуҷанд мавҷуд аст.

***

Савдогарони бозори сӯхтаи “Гулистон” дар Панҷакент ба бозори нав кӯчонида мешаванд. Дар ин бора аз МИҲД-и шаҳри Панҷакент хабар медиҳанд. Ба гуфтаи манбаъ, ин бозор охири моҳи январи соли ҷорӣ ба истифода дода мешавад. Бозори нав дар бинои собиқ корхонаи консервабарории “Шарбат” дар масоҳати беш аз 780 метри мураббаъ бунёд шуда, 400 нуқтаи савдо ва хизматрасониро дар бар мегирад.

АЗ КИТОБИ:

НАПОЛЕОНИ АФҒОНИСТОН



(Идома аз шумораи гузашта)

ДАР СУБҲГОҲИ ЯКШАНБЕ, 9-УМИ СЕНТЯБРИ СОЛИ 2001, ПОЙГОҲИ МАСЪУД ДАР ХОҶА БАҲОУДДИН, ДАР ҲОШИЯИ РӮДИ БОСТОНИИ ҶАЙҲУН, КИ ХАТИ МАРЗИИ ШИМОЛИ АФҒОНИСТОНРО НИШОН МЕДОД, ГӮЁ МАКОНИ МУНОСИБЕ БАРОИ ШАҲОДАТ БУД; БА ҶУЗ Ӯ ЧАНД НАФАРИ ДИГАР НИЗ ДАР УТОҚ ҲУЗУР ДОШТАНД.

Аз ман бисёр пурсида мешавад, ки оё метавон дар хитоб ба Масъуд ӯро «афғон» хонд? Бояд таъкид кунам, ки ин истилоҳ мураддифи «паштун» аз манзари минтақаи он аст, дар сурате ки қавми Масъуд «тоҷик» аст. Ба гуфтаи Луис Дупри, инсоншинос ва нависандаи барҷаста, “истифодаи вожаи «афғон» барои мардуми ин минтақа саҳеҳ аст ва истифодаи он ба қарни савуми пас аз асри Сосониён бозмегардад ва ин аввалин марҷае аст, ки дар аснод мусалламан метавонад манбаъ қарор гирад”. Худи афғонҳо то соли 1880, замоне ки Абдурраҳмонхон фароянди «империализми дохилӣ»-ро оғоз кард, минтақаҳои мухталифро бо унвонҳое назири Кобулистон, Зобулистон, Хуросон ва Туркистон ёд мекарданд ва баҳс аз ҳамин замон оғоз мешавад. Абдурраҳмон онро «Ёғистон», ба маънои «сарзамини саркашӣ ва ёғигарӣ» мехонд ва ҳамон гуна ки Дупри ишора мекунад, “ёғигарӣ барои убур аз гузашта ва пешбинии оянда” буд.

Ман аз унвони «афғон» дар тӯли китоб барои хонандагони британиёӣ ва Амрикои Шимолӣ истифода мекунам, зеро барои онҳо калимоти мубтанӣ бар қавмият чандон қобили пазируфтан нест. Масъуд ватанпарасте буд, ки барои Афғонистони муттаҳид ва озод ҷангид ва ман мутмаинам, ки ӯ ба ин муҳим расида буд.

МУҚАДДИМА

Ду дӯст ба роҳатӣ вориди роҳе шуданд, ки мунҷар ба ошноии амиқ миёни онҳо шуд. Аҳмадшоҳ Масъуд, фармондеҳи афсонавии чирикӣ, барои мусоҳиба бо ду рӯзноманигори араб нишаста буд. Масъуд Халилӣ, бехтарин дӯсти ӯ ва мутарҷимаш низ худро омодаи тарҷумаи суҳбатҳои Масъуд мекард. Ин ду ба қадре наздик ба ҳам нишаста буданд, ки шонаҳояшон ба ҳам часпида буд.

Дар субҳгоҳи якшанбе, 9-уми сентябри соли 2001, пойгоҳи Масъуд дар Хоҷа Баҳоуддин, дар ҳошияи рӯди бостонии Ҷайҳун, ки хати марзии шимоли Афғонистонро нишон медод, гӯё макони муносибе барои шаҳодат буд; ба ҷуз ӯ чанд нафари дигар низ дар утоқ ҳузур доштанд.

Осим Суҳайл, дабири матбуотии Масъуд ва Фаҳим Даштӣ, гузоришгари афғон дар паси саҳна бо як дурбини кӯчак ҳозир буданд. Масъуд аз Муҳандис Ориф, раиси истихбороти худ хост, ки барои назорат бар телефонҳои моҳворай ба табақаи ҳамкаф биравад. Ориф аз утоқ хорич шуд ва Ҷамшед, писарамӯи Масъуд ва дастёраш ба дунболи ӯ рафтанд.

Хабарнигор суолоти худро пурсид. Филмбардор дурбинро дар наздикии Масъуд қарор дод ва худ каме фосила гирифт. Суолот берабт ва ачиб буданд ва дурбин хеле наздик буд; аммо Масъуд гуфт: «Эроде надорад, биёед шуруъ кунем». Ба маҳзи он ки Халилӣ худро омодаи тарҷумаи нахустин посухи Масъуд кард, мутаваҷҷеҳи як нури шадиди обиранг шуд, ки ба самти онҳо меояд.

Вуқуъи як инфиҷори шадид субҳро дарҳам шикаст. Оташ утоқро фаро гирифт ва таърихи Афғонистон ва ҷаҳон ба якборагӣ дигаргун шуд.

Нигоҳбонҳо вориди утоқ шуданд ва ба сахтӣ Масъудро ёфтанд; Масъуд аз онҳо хост ибтидо ба Халилӣ бирасанд. Суҳайл ҷон бохта ва Даштӣ ба шиддат сӯхта буд. «Хабарнигор» бо камарбанди инфиҷорӣ, ки ба худ баста буд, тика-тика шуда буд. Филмбардор аз панҷара берун парид ва саъй кард фирор кунад. Нигоҳбонон ӯро то рӯдхона таъқиб карданд ва ҳангоме ки то камар дар об фурӯ рафта ва дар ҳоли фирор буд, ба ӯ шиллик карданд.

ФАСЛИ АВВАЛ

Британиёиҳо Масъудро пайдо карданд

Крисмаси соли 1979 барои раҳбарони Иёлоти Муттаҳида, ба вижа Британиё фаромӯшношуданӣ аст. Дар ҳоле, ки Маргаретт Тэтчер ва ҳамтои амрикоиаш ва хонаводаҳояшон худро омодаи ҷашни Крисмас мекарданд (яке дар Чекерс (Chequers) дар наздикии Лондон, дигаре дар Кэмп Дэвид (Camp David) дар кӯҳҳои Апалачи ҳаволии Вашингтон), Политбюро дар Маскав охирин барномаҳои сиррӣ дар иртибот бо ҳамла дар Афғонистон ва барканории Ҳафизуллоҳ Амин, нахуствазири саркаши коммунистонро сомон медоданд. Маскав барои ҳафтаҳо чигунагии азли (аз кор холӣ кардани) Амин, нахуствазири афғонро, ки хуршеди иқболаш дар ҳоли уфул (ғуруб) буд, дар дастури кор дошт ва барои иҷтиноб (дурӣ) аз хато тамоми завоёро бо диққат мавриди баррасӣ қарор медоданд; ахбори Кобул мабнӣ бар қатли Нурмуҳаммади Таракӣ, раисҷумҳури вақти Афғонистон тамоми шубаҳотро бартараф кард.

Леонид Брежнев аз ҳама асабонитар буд, зеро қавл дода буд аз Таракӣ муҳофизат мекунад. Ӯ ба ҳамкоронаш дар Маскав гуфт: “Чӣ ҳаромзодае аст ин Амин, мардеро, ки канораш инқилоб карда буд, кушт”. Юрий Андропов, раиси КГБ аз ин ки натавониста буд ҳодисаро ҷилавгирӣ кунад, ба шиддат дилгир ва ба ҳамон андоза масмум буд, то аз дасти Амин халос шавад ва ба ҷойи ӯ роҳбари қобили контрол бар Афғонистон гуморад. Дар даврони Амин нуфузи Маскав дар Кобул наздик ба сифр буд ва бо афзоиши нооромии умумӣ Амин даст ба хушунат бурд. Дар воқеъ, Амин борҳо аз Кремлин дархост карда буд, ки барои контроли кишвар ба ӯ кумак кунанд ва нерӯи низомӣ ба Афғонистон гусел доранд. Дар гузашта Брежнев ба тамоми дархостҳои Амин посухи манфӣ дода буд, аммо акнун ин тақозо ба маънои таваллуди як фурсати олӣ барои Кремлин ба шумор меомад.

Ҷаласаи муҳими Политбюро дар дувоздаҳуми декабр баргузор шуд. Андропов иддао кард, ки Амин батадриҷ ба CIA (хадамоти ҷосусии ИМА) наздик мешавад,- ӯ дар Амрико таҳсил карда буд,- ва ҳушдор дод, агар рӯйкардҳои сиёсати хориҷии Амин ба самти Ғарб тағйири самт диҳад, пайомадҳои чиддӣ барои Шуравӣ хоҳад дошт. Саранҷом, дар ин ҷаласа бо иттифоқи оро тасмим ба эъзоми нерӯ ба Афғонистон гирифта шуд. Русҳо дар 25-уми декабр ва дар рӯзи Крисмас ба Афғонистон ҳамла карданд. Кохи Аминро тасарруф намуда ва ӯро куштанд. Ин ҳамла барои раҳбарони Ғарб, ба вижа Картер, ҳайратовар буд. CIA бо таваҷҷуҳ ба расади доимии моҳворай, ки кӯчактарин таҳаррукоти Артиши Шуравиро мухобира мекард, эътиқоде ба эҳтимоли ҳамлаи низомии Шуравӣ ба Афғонистон надошт. Картер дар 28-уми декабр бо Тэтчер тамос гирифт. Ӯ дар хотироташ овардааст: «Мо ба таври муфассал дар бораи он чӣ дар Афғонистон рӯй дода буд ва иқдомоти амалии оянда ҳарф задем. Он чӣ иттифоқ афтода буд, зарбаи саҳмгин барои Тэтчер буд». Тэтчер ба нисбат камтар шокӣ шуда буд, зеро ҳамеша ба мақосиди Русия машкук буд. Тэтчер бовар дошт, “аз ин лаҳза кулли таҳаввулоти байналмилалӣ тахтушшуои ин ҳамла қарор хоҳад гирифт ва равобити байналмилалӣ дигаргун хоҳад шуд ва ба самти беҳтаре хоҳад рафт; воқеъгароии сарсахт ва дифои ҳамаҷониба табдил ба аносири калидӣ дар адабиёти байналмилалӣ хоҳанд шуд. Русҳо як хатои муҳосибатиро ба субут расонидаанд ва роҳро барои ренессонси амрикоӣ таҳти амри Рейган гушудаанд».

Билофосила пас аз ҳамла Грей Уорнер панҷ афсари иттилоотии тозанафаси Шарқи Дури MI6 (хадамоти ҷосусии Британиё), ки ҳамлаи Шуравӣ ба Афғонистон натиҷаи мустақими маъмурияти онҳо буд, дар ҷараёни гуфтугӯҳои Тэтчер ва Картер қарор дод. Дар тӯли ин муколама ду тараф тавофуқ карданд, ки куллияи ҳимоятҳои лозимро ҷиҳати муборизаи афғонҳо муқобили нерӯҳои рус ба онҳо ироа диҳанд. Гуфтугӯи Уорнер бо афсарон бо ҷумлае, ки баъдҳо табдил ба вожае намодин шуд, поён ёфт: «Биравед ва Наполеонеро, ки ҳанӯз афсари тӯпхона аст, биёбед». Баъдтар аз Уорнер пурсидам: «Чаро Наполеон?». Ӯ посух дод: «Зеро ӯ афсаре буд, ки тавонист императори Фаронса шавад. Мо ба дунболи шахсе бо чунин қобилият будем». Ҳамон тавре ки дидем, “ҷавони бисёр тавонманд ва бохуше”-ро ёфтанд. Афсари британиёӣ билофосила ҷомадонҳояшро баст ва озими Исломобод, пойтахти Покистон шуд. Дафтари Комиссариёи олии Британиё дар ҷое, ки тавассути меъморони юнонӣ дизойн шуда буд, қарор дошт. (Покистон бахше аз кишварҳои Иттиҳодияи кишварҳои муштаракулманофеъи Британиё буд). Ӯ пас аз гӯш додан ба тавсияҳои ҳамкоронаш дар он ҷо, аз масири ҷодаи Гранд Транк (Grand Trunk) - ёдгори даврони Роҷҳо - ба Пешовар, маркази устони сарҳадии Шимолу Ғарбии Покистон (ки имрӯз «Хайбар Пахтунхво» хонда мешавад) рафт ва аз он ҷо аз масири санглохи Хайбар ба самти Афғонистон.

Пешовар ҷое тақрибан ба сабку сиёқи қадимӣ буд; дар он чанд ҳутал (меҳмонхона)-и қадимии британиёӣ вуҷуд дошт ва аз он ҷо мешуд саворони афғонро, ки бо амомаҳояшон аз рӯи пул ба самти бозори асосӣ дар ҳаракат буданд, тамошо кард. Онҳо маро ба ёди Киплинг ва ишқи ӯ ба равобити қавмӣ ва фарҳанги қабилавӣ ва шеъри ҳамосии ӯ «Таснифи Шарқ ва Ғарб» андохтанд. Пешовар маркази чунбишҳои навпайдои муқовимати Афғонистон ва ҷое буд, ки сарнахти тамоми достонро метавон гирифт. Маъмурияти мо поён ёфт ва ҷавоне, ки баъдҳо шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кард, - Аҳмадшоҳ Масъудро ёфтем. Фармондеҳи ҷавони гурӯҳи муқовимати Афғонистон, ки пештар ба воситаи набардҳои шуҷоъонааш бо нерӯҳои ишғолгар номаш бар сари забонҳо афтода буд. Масъуд дар форсӣ ба маънои «хушюмн» аст. Фармондеҳ Масъуд низ ба шевае боварнокарданӣ хушюмн буд, то он ки дар ниҳоят дар сентябри соли 2001 ситораи бахту иқболаш афул кард; аммо ҳанӯз то пардохтан ба ин ҳодиса роҳ бисёр аст.

Афсари иттилоотии Британиё ба Лондон бозгашт ва ба мофавқи (раҳбар) худ гузориш дод. Уорнер гуфт: «Мо ба се чиз пай бурдем: нахуст, покистониҳо ва амрикоиҳо контроли тамоми бахшҳои ҷанубии Афғонистонро, ки мусалмонони ифротитаре буданд, дар ихтиёр доштанд». Манзури ӯ қабилаҳои ҷангҷӯи паштун, назири ҳаққониҳо буд, ки умдатан дар ҷанубӣ Афғонистон зиндагӣ мекарданд ва ҳудуди чиҳил дарсади ҷамъиятро ташкил медоданд ва дар Покистон низ ақаллияти қобили таваҷҷуҳе буданд.

(Давом дорад)



Рақаб Аҳмадзода:

«ЗАРАФШОН» БЕШ АЗ 70% ТИЛОИ ТОҶИКИСТОНРО ИСТЕҲСОЛ МЕКУНАД

Раиси вилояти Суғд Рақаб Аҳмадзода зимни мулоқот бо мудири кулли корхонаи муштараки «Зарафшон» изҳор дошт, ки ин корхона дар рушди иқтисодию саноатии шаҳри Панҷакент саҳми бисёр муҳим дорад.

Ба гуфтаи ӯ, фаъолияти пурсамари корхонаҳои бузурги саноатӣ, аз ҷумла ҚМ «Зарафшон», омили асосии татбиқи барномаҳои созанда ва рушди иқтисоди миллӣ ба шумор меравад. Раиси вилоят таъкид кард, ки соли 2025 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар корхона ба 7,9 миллиард сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 ба андозаи 2,1 миллиард сомонӣ зиёд мебошад. Дар 11 соли охир фаъолияти корхона нишон медиҳад, ки бо афзоиши ҳаҷми истеҳсол, шумораи кормандон ва музди меҳнати онҳо низ мунтазам боло рафтааст.

Рақаб Аҳмадзода афзуд, ки ин натиҷаҳо гувоҳи онанд, ки роҳбарияти корхонаи муштараки «Зарафшон» бо дастгирии давлатӣ, истифодаи самарanoки иқтидорҳои мавҷуда, таъсиси корхонаҳои нав ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсол дар амалисозии ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар саҳми арзанда мегузорад.

Раиси вилояти Суғд таъкид намуд, ки чун солҳои гузашта, соли равон низ дар назди корхонаҳои азими саноатӣ вазифаҳо ҷиҳати зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот гузошта мешаванд. Дар ин замина, аз роҳбарияти ҚМ «Зарафшон» талаб карда шуд, ки соли 2026 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро ба 10 миллиард сомонӣ расонанд.

Корхонаи муштараки «Зарафшон» соли 1994 таъсис ёфтааст. 75 фоизи саҳмияҳои он ба ширкати чинии «Zijin Mining Group Co. Ltd» ва 25 фоиз ба Ҳукумати Тоҷикистон тааллуқ дорад. Корхона бузургтарин конҳои тилои Тоҷикистон - «Тарор» ва «Ҷилав»-ро, ки дар шаҳри Панҷакент ҷойгиранд, коркард мекунад.

ИҚТИСОДИ ИДМ АЗ НИГОҲИ БОНК

Бонки АвруОсиёии Рушд (БАОР) дурнамои рушди иқтисоди кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ)-ро пешгӯӣ намуд. Ба гуфтаи таҳлилгарон, кишварҳои минтақаи АвруОсиё дар даҳсолаи охир яке аз баландтарин суръати афзоиши иқтисодиро нишон медиҳанд.

ТОҶИКИСТОН

Тибқи арзёбии БАОР, Тоҷикистон суръати афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД)-ро дар сатҳи 8,1% нигоҳ медорад, ки яке аз нишондиҳандаҳои баландтарин дар минтақа ба ҳисоб меравад. Сармоягузориҳои бузург дар бахшҳои металлургия ва инфрасохтор омили асосии ин рушд хоҳанд буд. Интизор меравад, ки то охири соли 2026 сатҳи таваррум дар кишвар ба 4,5% расида, дар доираи ҳадафи 5±2% боқӣ монад. Ҳамчунин, тибқи пешгӯии мутахассисон, қурби доллари ИМА дар соли 2026 тақрибан 9,8 сомониро ташкил хоҳад дод.

УЗБЕКИСТОН

Дар Узбекистон иқтисодиёт ба таври назаррас рушд карда, афзоиши ММД ба 6,8% мерасад. Сармоягузорӣ ҳамчун қувваи асосии пешбаранда боқӣ монда, татбиқи лоиҳаҳои бузург-аз нерӯгоҳҳои атомӣ ва офтобӣ то марказҳои IT идома хоҳад ёфт.

БЕЛАРУС

Дар Беларус, мувофиқи пешгӯии БАОР, ММД 1,8% афзоиш меёбад. Ин рушд аз ҳисоби чорабиниҳои сармоягузории давлатӣ, рушди бахши IT ва афзоиши даромади хонаводаҳо таъмин карда мешавад.

ҚАЗОҚИСТОН

Иқтисоди Қазоқистон низ 5,5% рушд хоҳад кард. Афзоиш асосан ба шарофати тавсеаи имкониятҳо дар бахши ғайриашёи хом амалӣ гардида, беш аз 100 лоиҳа дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва кишоварзӣ ба нақша гирифта шудааст.

ҚИРҒИЗИСТОН

Қирғизистон, тибқи иттилои бонк, аз рӯи суръати афзоиш дар минтақа пешсаф боқӣ мемонад. ММД-и кишвар 9,3% афзоиш меёбад. Ин рушд бо сармоягузорӣ дар соҳаҳои нақлиёт, энергетика ва таъминоти об, инчунин сохтмони фаъол ва афзоиши истеъмол таъмин мегардад.

РУСИЯ

Дар Русия афзоиши ММД то 1,4% пешбинӣ мешавад. Афзоиши даромади хонаводаҳо ба рушди истеъмол мусоидат карда, коҳиши меъёри асосӣ барои барқароршавии қарздиҳӣ ва сармоягузорӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

АСРОРИ МУВАФФАҚИЯТИ KFC



Ман аллакай чилсолаам, барои оғоз кардани тиҷорат дер шуд. Рақибон намегузоранд, ки рушд кунам. Як қаҳвахонаи хурд маро бой намекунад… Ин ҳама фикрҳои шахшудаанд ва миллионҳо нафарро аз орзуҳояшон дур месозанд. Аммо Ҳарланд Дэвид Сандерс, асосгузори KFC чунин фикр накард. Ӯ дар 47-солагӣ соҳиби як қаҳвахонаи хурде дар канори роҳ шуд. То 70-солагӣ ба миллионер табдил ёфт, ки номаш имрӯз дар беш аз 140 кишвари ҷаҳон шинохта шудааст.

АЗ ОШХОНАИ ХУРД ТО АВВАЛИН РЕСТОРАН

Ҳарланд Дэвид Сандерс соли 1890 дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Вақте ки ҳамагӣ 6-сола буд, падараш аз дунё гузашт ва оила дар тангдастӣ монд. Дар синни 13-солагӣ ӯ маҷбур шуд, ки таҳсилро тарк кунад ва ба модараш дар нигоҳубини бародару хоҳараш кумак расонад.

Дар тӯли ҳаёташ Сандерс касбҳои гуногунро озмуд: кочигар, кондуктор, ёвари оҳангар, боркаш, коргари одӣ. Баъдан, ҳатто курсҳои ҳуқуқшиносиро хатм кард. Аммо ин соҳа ҳам касби дӯстдоштаи ӯ нашуд. Ӯ то 40-солагӣ на манзили шахсӣ дошт ва на даромади устувор.

Сандерс як нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ харид, вале даромадаш кам буд. Барои зиёд кардани фоида ба ронандагони гурусна стейк ва ветчина мепухт. Даромад тадриҷан афзоиш ёфт ва ӯ тавонист нуқтаи калонтаре харад, ки дар он як қаҳвахонаи хурд барои нишасти шаш кас ҷой муҳайё сохт. Баъди даҳ соли фаъолияти соҳибкорӣ, соли 1940 Ҳарланд мотел харид ва дар он “Sanders Court & Cafe”-ро кушод. Маҳз дар ҳамин ҷо ӯ ритсепти машҳури мурғи бирёншударо ихтироъ кард. Ин таом чунон маъруф шуд, ки ресторанаш ба рӯйихати беҳтарин муассисаҳои ғизои Амрико ворид шуда, мурғи Сандерс «ганҷи миллии Кентукки» эътироф гардид.

«МУРҒИ БИРЁНШУДАИ КЕНТУККИ» ҶАҲОНРО ТАСХИР МЕКУНАД

Бо гузашти вақт, шоҳроҳе, ки ресторан дар канори он ҷойгир буд, баста шуд ва ҷараёни муштариён қариб қатъ гардид. Сандерс ба варшикастагӣ наздик буд, вале бовар дошт, ки шуҳрати «Мурғи бирёншудаи Кентукки» ҳанӯз оянда дорад. У тамоми иёлотҳои ИМА-ро гашта, ба соҳиби тарабхонаҳо пешниҳод мекард, ки аз ритсепти махфии ӯ истифода баранд. Ба ивазаш танҳо тақрибан 4% аз фоида талаб мекард. Бисёриҳо розӣ мешуданд ва дере нагузашта, шабакаи франшизаҳои KFC чунон машҳур шуд, ки соҳибкорон худ барои ҳамкорӣ муроҷиат мекарданд.

РУШДИ МИНБАЪДАИ KFC

Соли 1963, вақте ки Сандерс 73-сола шуд, идора кардани беш аз 600 франшиза барояш душвор гардид. Сармоягузорон иддао мекарданд, ки ӯ «соҳибкори хуб нест». Ниҳоят, ӯ брендро фурӯхт, вале аз фаъолият даст накашид.

Сандерс ресторани наве кушод, ки онро ба номи ҳамсараш «Клаудия Сандерс -Бонуи Полковник» гузошт. Аммо соҳибони нави бренд истифодаи ритсептҳои машҳурро манъ карданд. Бо вуҷуди ин, Полковник зиндагии таъмин дошт. Ӯ пардохтҳои доимӣ мегирифт ва ҳамчун «рамзи зинда»-и бренд бокӣ монд. Сандерс дар синни 90-солагӣ вафот кард ва бренд даврахои душворро паси сар кард, аммо рушди байналмилалӣ қатъ нашуд. Дар солҳои 1990-ум номи Kentucky Fried Chicken кӯтоҳ ва ба KFC иваз гардида, боз шуҳрataш афзуд. Ҳоло KFC зиёда аз 25 ҳазор ресторан дар 140 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон дорад ва яке аз пуркудраттарин брендҳои ғизои зудтайёр ба шумор меравад.

Ҳаёту фаъолияти Ҳарланд Сандерс исбот мекунад, ки синну сол, нокомӣ ва душвориҳо монеаи муваффақият нестанд. Агар инсон ба худ бовар дошта бошад, аз кӯшиш даст накашад, ба ҳадаф мерасад.

Усмон РАҲИМЗОДА

ГЕНЕРАЛЗАН

ки ҳуқуқи бонувонро ҳимоя мекард

ЯКЕ АЗ ПЕШНИҲОДҲОИ ПУРСАРУСАДОИ САОДАТ АМИРШОЕВА ДАР ПАРЛУМОНИ КИШВАР МАНЪИ НИКОҲИ ХЕШУТАБОРӢ БУД. ИН ПЕШНИҲОДИ Ӯ АВВАЛ ҚАБУЛ НАШУД, ВАЛЕ Ӯ ТО БА ОХИР МУБОРИЗА БУРД.



САОДАТ АМИРШОЕВА ДАРГУЗАШТ

Саодат Амиршоева, аввалин генералзани тоҷик ва собиқ вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон дар 73-солагӣ даргузашт. Ӯ нафаре буд, ки барои ҳимояи ҳуқуқи бонувон мубориза мебурд ва бо изҳороташ дар мавриди манъи никоҳи хешутаборӣ, мухолифаташ бо бисёрзанагӣ ва ба шавҳар баромадани духтарони тоҷик ба шаҳрвандони хориҷӣ маъруф буд.

АМИРШОЕВА КИСТ?

Фаъолияти Саодат Амиршоева дар мақомоти нотариалӣ оғоз ёфт, ки дар он аз хурдтарин вазифаҳо то вазифаҳои масъулиятнок пеш рафт: 1972-1975 нотаруси давлатии Идораи 2-юми нотариалии шаҳри Душанбе, 1975-1985 сарнотариуси Идораи 1-уми нотариалии шаҳри Кӯлоб, 1987-1993 судяи Суди халқии шаҳри Кӯлоб.

Аз соли 1993 то соли 2008 Саодат Амиршоева сардори Раёсати адлияи вилояти Хатлон буд. Ин фаъолияти дарозмуддат ӯро ба яке аз шахсиятҳои пурнуфузи соҳаи ҳуқуқ ва адлияи Тоҷикистон табдил дод. Дар ин мақом ӯ роҳбарии системаи ҳуқуқӣ ва адлияи минтақаи муҳимтарини кишварро ба уҳда дошт ва барои таҳкими низоми қонунгузорӣ ва иҷрои адолат саҳми бузург гузошт. Дар ҳамин давра ӯ бо заҳмати шабонарӯзӣ ва дарки баланди масъулият тавонист эътибор ва обрӯи худро дар Тоҷикистон ҳамчун як зан-роҳбар ва ҳуқуқшиноси шоистаи миллӣ ба даст орад.

Моҳи сентябри соли 1999, ба ифтихори ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён ва 70-солагии мақомоти адлияи Тоҷикистон, Амиршоева рутбаи генерал-майор ва унвони "Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон"-ро гирифт.

Амиршоева дар яке аз мусоҳибаҳояш гуфтааст: "Дар асл, ман аввалин зани тоҷик будам, ки либоси генералӣ ба бар кардам. Мутаассифона, ман онро танҳо дар рӯзҳои ид ва мавридҳои махсус мепӯшидам. Акнун бо худ фикр мекунам, ки агар боз ҷавон мешудам, онро ҳар рӯз бо ифтихор мепӯшидам".

КОРНОМА ДАР ПАРЛУМОН

Соли 2008 Саодат Амиршоева вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон интихоб шуд. Ӯ узви Кумитаи парлумон оид ба дифоъ, ҳуқуқу тартиботи ҷамъиятӣ ва амният буд ва бо баромадҳои ошкоро, мавқеъгириҳои ҷасурона ва мусоҳибаҳои баҳсбарангезаш дар ВАО шинохта шуд. Аз ҷумла мухолифи дузанагӣ буд. Ҳамчунин, гуфта буд, ки духтарони тоҷик набояд ҳамсари хориҷиён шаванд ва санҷиши бакорати дӯшизагонро таҳқир арзёбӣ мекард. Ӯ ҳамчунин мухолифи пулакӣ шудани роҳҳо буд...



МАНЪИ НИКОҲИ ХЕШУТАБОРӢ

Яке аз пешниҳодҳои пурсарусадои Саодат Амиршоева дар парлумони кишвар манъи никоҳи хешутаборӣ буд. Ин пешниҳоди ӯ аввал қабул нашуд, вале ӯ то ба охир мубориза бурд.

"Соли 2012 буд ва вақте ба шурои парлумон пешниҳод кардам, ду-се нафар зид баромаданд. Вале ман пас нагаштам, бо ишора ба баъзеи онҳо гуфтам, ки ин чиз байни мансабдорону сарватмандон зиёд аст ва ҳоло бархе онҳо шарм мекунанд ва метарсанд, ки ин масъала қабул шавад. Ба гузашта салавот, касе дигар онҳоро гунаҳкор намекунад, қонун қувваи бозгашт надорад. Аммо ояндаи миллатро бояд наҷот дод ва тавре бояд амал кард, ки тоҷик дигар фарзанди маъюб таваллуд накунад. Дар акси ҳол, фарзандони маъюби онҳо ба гардани давлат меафтанд. Бисёр тунд рафта будам ва ҳатто муллоҳо ба сарам хестанд. Баъдан, аз ҷониби раисҷумҳури кишвар Эмомалӣ Раҳмон супориш шуд, ки дар байни мардум кор кунед, пешниҳоди мардумро гӯш карда, баъд қонунро қабул кунед. Мо таҷрибаи дигар кишварҳоро дар робита ба ин масъала баррасӣ кардем. Бояд пеш аз ҳама ояндаи солими фарзандонамонро фикр кунем. Хушбахтӣ ва тансиҳатии фарзандонамонро фикр кунем. Як фарзанд маъюб таваллуд шавад, тамоми оила дар ғаму ғусса мемонанд. Пайғамбарамон Муҳаммад (с) ҳам мегӯянд, ки "бо бегонагон хеш шавед, то қавматон зиёд шавад".

Маълум шуд, ки ҳатто дар Ӯзбекистони ҳамсоя чунин қонуне ҳаст. Баъди ин маълум кардем, ки ҳанӯз соли 1998 пешвои исмоилиёни ҷаҳон Оқохони 4, вақте ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) ташриф меорад, аҳолиро насиҳат мекунад, ки хешу табори якдигарро нагиранд. Воқеан, баъди ин дар ВМКБ никоҳи хешутаборӣ хеле кам ба назар мерасид".

ХАТАР БА ОЯНДАИ МИЛЛАТ

Дигар изҳороти пурсарусадои генерал Саодат Амиршоева мухолифати ӯ бо издивоҷи духтарон тоҷик бо шаҳрвандони хориҷӣ буд.

Ба ақидаи генерал Амиршоева, занону духтарони тоҷик ба хотири сарвату пул шавҳари хориҷӣ мекунанд, вале ин "барои ояндаи миллат хатарнок аст". Ӯ замони дар вилояти Хатлон кор карданаш ҳам гуфта буд, ки "то вақте дар сари вазифаам, ба ягон никоҳи занону духтарони тоҷик бо хитоиҳо иҷозат намедиҳам".

Аммо дар посух ба суоли хабарнигори "Азия плюс", ки чаро замони вакили Маҷлиси намояндагон буданаш пешниҳоди манъи никоҳ бо хориҷиёнро ба парлумон пешниҳод ва қонунӣ накард, Саодат Амиршоева эътироф кард, ки ин пешниҳод қабул намешуд: "Агар ин пешниҳодро ба парлумон манзур мекардам, қабул намешуд, чунки он хилофи қонунҳои байналмилалӣ аст. Дар қонунҳои байналмилалӣ озодии никоҳи байни мардум кафолат дода шудааст".

ҲОМИИ ҲУҚУҚ

Соли 2015 Амиршоева эълон кард, ки дар интихоботи парлумонӣ ширкат намекунад. "Ман медонам, ки хонашин шуданам ба маънои интизори марг нишастан хоҳад буд. Ман хонашин намешавам. Бекор ҳам наменомам. Метавонам судя шавам ё дар донишгоҳе дарс диҳам ва ё вакили дифоъ шавам",- гуфта буд он замон.

Саодат Амиршоева ба ҳайси адвокат ба фаъолияташ идома дод.

"Аввал, ба зиёрати хонаи Худо рафтам. Баъд, сар аз соли 2015 ҳамчун вакили дифоъ дар шаҳри Бохтар ба фаъолият пардохтам ва то ба ҳол ба мардум хидмати ҳуқуқӣ мерасонам. Узви Иттифоқи адвокатҳои Тоҷикистон шудам. Таҷрибаи корам дар сохторҳои қудратӣ ва ду давраи вакилиамро ба назар гирифта, мардум барои ҳимояи ҳуқуқҳои худ зиёд муроҷиат мекунанд",- гуфта буд дар яке аз мусоҳибаҳояш.

Ҳамчунин, Саодат Амиршоева гуфта буд, ки мардум бештар бо мушкилиҳои оилавӣ, даъвоҳои никоҳи зану шавҳар, манзил, замин ва дигар даъвоҳои граждани ба ӯ муроҷиат мекунанд. Ӯ гуфта буд, ки баъзе вақт ба ӯ бо даъвоҳое мурочаит мекунанд, ки 5-6 сол дар додгоҳ ҳал нашудаанд ва баъди вориди қазия шудани ӯ ҳал мешаванд.

Саодат Амиршоева то вопасин рӯзҳои умр ба роҳи худ - ҳимояи ҳуқуқи бонувон содиқ монд. Ёдаш ба хайр!

О. СОҲИБЗОДА

«АРХЕОЛОГИЯИ СИЁҲ»

Чаро дар Тоҷикистон Қонун «Дар бораи бостоншиносӣ» муҳим аст?

Дар марҳилаи кунунии рушди давлатдории миллии Тоҷикистон масъалаи ҳифзи хотираи таърихӣ ва мероси ниёгон ба яке аз самтҳои калидии сиёсати фарҳангӣ табдил ёфтааст. Дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бостоншиносӣ» қадами муҳим ва саривақтӣ дар роҳи мукаммалсозии заминаҳои ҳуқуқии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ мебошад.



НОБУДСОЗИИ БОНИЗОМ

Бостоншиносӣ (археология) ягона илмест, ки тавассути омӯзиши боқимондаҳои моддӣ саҳифаҳои нонавиштаи таърихи башариятро эҳё мекунад. Аммо, бархӯрди бостоншиносӣ бо ёдгорӣ **хусусияти «бебозгашт»** (irreversible) дорад; ҳар як ҳафриёт дар моҳияти худ нобудсозии бонизоми қабатҳои фарҳангӣ ба хотири ба даст овардани иттилооти илмӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҳама гуна дахолати ғайриҳирфай ба ёдгориҳои бостонӣ на танҳо хатои методологӣ, балки ҷиноят нисбат ба хотираи таърихии миллат ва гум кардани маълумоти нотакрор барои наслҳои оянда аст.

Бо вуҷуди мавҷудияти қонунгузории умумӣ дар соҳаи ҳифзи мерос, таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки соҳаи бостоншиносӣ ба танзими хос ва қатъӣ ниёз дорад. Афзоиши босуръати сохтмонҳои зерсохторӣ, хатари «археологияи сиёҳ» ва муҳимтар аз ҳама, ҷалби нафарони ғайримаслакӣ ба раванди таҳқиқоти саҳроӣ, зарурати таҳияи стандарти ягонаи давлатиро ба миён гузоштааст.

Дар шароити муосир, ки Тоҷикистон ба марҳилаи нави созандагӣ ва рушди сайёҳӣ ворид шудааст, ҳифзи мероси бостонӣ аҳамияти стратегӣ пайдо мекунад. **Дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи Қонун «Дар бораи бостоншиносӣ» нишонаи дарки амиқи он аст, ки қонунгузории ҷорӣ дигар наметавонад тамоми паҳлуҳои ин соҳаи мураккабро фаро гирад.**

Ин мақола ба таҳлили ҷанбаҳои назариявию амалии фаъолияти бостоншиносӣ бахшида шуда, ҳадаф дорад механизмҳои муосири сабт (фиксатсия), назорати сифати таҳқиқот ва роҳҳои пешгирии ҳаффории ғайримаслакиро дар доираи лоиҳаи қонуни нав пешниҳод намояд. Танҳо тавассути таҳкими мақоми ҳуқуқии бостоншинос ва ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ дар сабти ҳафриёт, мо метавонем таърихи куҳанбунёди худро аз нобудшавӣ ва таҳрифи илмӣ ҳифз кунем.

ФАРҚИ БОСТОНШИНОСӢ АЗ “КОФТУКОВИ АШЁ”

Яке аз паҳлуҳои нигаронкунанда дар амалияи имрӯзаи мо ин афзоиши ҳолатҳои ҳафриёт аз ҷониби нафароне мебошад, ки бостоншиносиро танҳо ҳамчун “кофтукови ашё” мефаҳманд. Дар бостоншиносии касбӣ ашё (артефакт) бидуни заминаи ҷойгиршавиаш (контекст) арзиши илмиро гум мекунад. Вақте нафари ғайримаслакӣ кӯза ё тангаро аз замин мегирад, ӯ робитаи онро бо қабатҳои хок, боқимондаҳои бино ва дигар ашёҳо меканад. Дар натича, муайян кардани санаи дақиқ ва таърихи воқеии ёдгорӣ ғайримкон мегардад. Истифодаи ғайриҳирфавии металлодетекторҳо боиси “сӯрох” шудани ёдгориҳо мегардад. Ин амал на танҳо дуздӣ, балки нобудсозии физикии стратиграфияи ёдгорӣ мебошад, ки дар қонунгузории нав бояд ҳамчун ҷинояти вазнин алайҳи мерос дарҷ шавад.

Барои пешгирӣ аз талафи маълумот, сабти ҳафриёт бояд сегонаи ба ҳам алоқаманд бошад: **тавсифи матнӣ** – бостоншинос вазифадор аст, ки ҳар як тағйироти ранги хок (литология) ва сохтори онро тавсиф кунад. Масалан, мавҷудияти хокистар метавонад аз сӯхтори таърихӣ гувоҳӣ диҳад, ки танҳо дар матн метавонад муфассал шарҳ ёбад, **сабти графикӣ** (нақшабардорӣ) – нақшаҳо бояд дар миқёси (масштаб) 1:10 ё 1:20 кашида шаванд. Ҳар як бозёфт бояд се координат дошта бошад: ҷойгиршавӣ дар майдон ва умқи он аз нуқтаи сифрӣ. Ин имкон медиҳад, ки баъд аз садсолаҳо ҳам олимони дигар манзараи ҳафриётро дақиқ барқарор кунанд, **фотофиксатсияи илмӣ** – бархӯрди касбӣ истифодаи ҳатмии ҷадвали миқёсӣ ва аломати шимолро талаб мекунад. Акс бидуни ҷадвал ва нишонаи шимол танҳо як сурати ороишӣ аст, на ҳуҷҷати илмӣ.

АЗ БЕЛУ КАЛАНД БА НАЗОРАТИ РАҚАМӢ

Ташреҳи истифодаи технологияҳо нишон медиҳад, ки мо аз методи “бел ва каланд” ба марҳилаи “назорати рақамӣ” мегузарем:

Фотограмметрия: Ин метод имкон медиҳад, ки аз аксҳои одӣ модели 3D сохта шавад. Ин барои ҳуҷҷатгузории ёдгориҳои меъморӣ (масалан, деворҳои қалъаҳо) муҳим аст, зеро ҳар як хишт ва тарқиш дар компютер бо дақиқии баланд сабт мешавад.

Дронҳо (UAV): Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дронҳо дар ёфтани ёдгориҳои зеризаминӣ тавассути "аномалияҳои рустаниҳо" кумак мекунанд. Дар Тоҷикистон, ки релефи кӯҳистон дорад, истифодаи дронҳо барои нақшабардории ҳавоӣ ва назорати минтақаҳои муҳофизатӣ зарурӣ мебошад.

КӢ БОЯД ИҶОЗАТНОМА ДИҲАД?

Муҳимтарин бахш - ин табдил додани бостоншиносӣ ба як қисми ҷудонашавандаи сохтмон ва рушд аст (Бостоншиносии нақотбахш). Пешниҳод мешавад, ки ягон лоиҳаи давлатӣ ё хусусии сохтмонӣ бе “Хулосаи экспертизаи бостоншиносӣ” тасдиқ нагардад. Ин таҷриба дар Аврупо (Конвенсияи Валлетта) мавҷуд аст ва боиси ёфт шудани ҳазорон ёдгориҳои нав гардидааст.

Мақоми Иҷозатнома ё "Варақаи кушод": Ин санад бояд мақоми давлатӣ дошта бошад. Нафаре, ки ин санадро мегирад, бояд барои ҳар як метри мураббаи кофтааш дар назди қонун ҷавобгӯ бошад. Агар ӯ бозёфтҳоро ба музей насупорад ё ҳисобот бо сабти сегонаро омода накунад, бояд аз фаъолияти ҳаффорӣ маҳрум гардад.

Қонун дар бораи бостоншиносӣ набояд танҳо як варақаи коғаз бошад, балки бояд ҳамчун низоми зиндаи ҳифзи ҳувияти миллӣ кор кунад. Мо бояд кафолат диҳем, ки ҳар як ҳафриёт дар Тоҷикистон на танҳо барои имрӯз, балки барои илми ҷаҳонии садсолаҳои оянда ҳамчун манбаи боэътимод боқӣ монад.

Дар Тоҷикистон маҳз Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» (аз 3-юми марти соли 2006, №178) санади асосиест, ки ин соҳаро танзим мекунад. Ин қонун барои бостоншиносӣ заминаи ҳуқуқии қавӣ эҷод кардааст...

МО ЯК БОР МЕКОБЕМ…

Дар бостоншиносӣ принсипе ҳаст: **"Мо ёдгориро танҳо як бор кофта метавонем".** Агар нафари ғайримаслакӣ онро кобад, контексти таърихӣ ва қабатҳои фарҳангӣ барои ҳамеша нобуд мешаванд ва дигар ҳеҷ олиме наметавонад онро барқарор кунад.

Барои пешгирӣ аз ин ҳолат, Қонуни махсус дар бораи бостоншиносӣ бояд меъёрҳои зеринро ҷорӣ кунад:

1. Меъёрҳои қатъии касбӣ (Квалификация); Иҷозат набояд ба “ширкатҳо” ё “созмонҳо” дода шавад. Он бояд танҳо ба шахси воқеӣ дода шавад, ки дорои маълумоти олии таърихӣ бо ихтисоси бостоншиносӣ, таҷрибаи корӣ на камтар аз 5 сол дар ҳайати экспедитсияҳои илмӣ, мақолаҳои илмии чопшуда дар асоси ҳафриётҳои қаблӣ бошад.

2. Тасдиқи сезинагӣ (системаи филтр); Барои он ки иҷозат ба дасти нафари тасодуфӣ наафтад, раванд бояд чунин бошад: Шурои илмии муассиса: (Масалан, Институти таърих ва бостоншиносӣ) тахассуси шахсро тасдиқ мекунад. Комиссияи экспертӣ: Намояндагони Академияи илмҳо ва Вазорати фарҳанг, Осорхонаи миллӣ ва Донишгоҳи миллӣ нақшаи ҳафриётро месанҷанд. Назорати баъдӣ: Агар мутахассис ҳисоботи илмии ҳафриёти гузаштаро пешниҳод накунад, ӯ бояд барои тамоми умр аз ҳуқуқи гирифтани иҷозат маҳрум шавад.

3. Фарқ дар байни "Кофтан" ва "Таҳқиқ кардан"; Нафарони ғайримаслакӣ аксар вақт танҳо ба кофтани ашё (кӯза, танга, тило) таваҷҷуҳ доранд. Аммо бостоншиносии касбӣ ин сабти дақиқи ҳар як миллиметр замин аст.

4. Хатарҳои додани иҷозат ба нафарони ғайримаслакӣ; Нобудшавии стратиграфия: нафари ғайриҳирфай намедонад, ки кадом қабат ба кадом аср мансуб аст. Аз байн рафтани бозёфтҳои нозук: одатан ғайримаслакон танҳо ашёи сахтро мебинанд, аммо боқимондаҳои чӯб, матоъ ё донаҳои зироатро, ки барои илм муҳиманд, нобуд мекунанд.

5. Тиҷоратӣ шудани илм: вақте ки иҷозат бо роҳҳои дигар (масалан, шиносбозӣ ё коррупсия) ба даст меояд, бостоншиносӣ аз илм ба "бизнес" табдил меёбад.

ЧӢ БОЯД КАРД?

1. Дар Қонун бояд банди махсус бошад: “Дар сурати ошкор шудани фаъолияти ғайриҳирфай ё вайрон кардани методикаи илмӣ, иҷозатнома фавран бозхонд ва шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад”.

(Давомаш дар саҳ. 10)

«АРХЕОЛОГИЯИ СИЁҲ»

(Аввалаш дар саҳ. 9)

2. Яке аз камбудиҳои соҳа дар он аст, ки бисёр ёдгориҳо кофта мешаванд, вале баъди ҳафриёт бе консерватсия мемонанд ва зери борон нобуд мешаванд. Бинобар ин дар қонун бояд банди **"Масъулият барои консерватсия ва рекултиватсия"** ворид карда шавад.

Ҳафриёт бояд танҳо дар сурати мавҷуд будани нақшаи ҳифзи минбаъдаи ёдгорӣ иҷозат дода шавад.

3. Таъсиси Реестри ягонаи рақамии ёдгориҳо: Ин имкон медиҳад, ки сохтмонҳои худсарона дар минтақаҳои таърихӣ пешгирӣ карда шаванд.

4. Шаффофияти "Варақаи кушод": Рӯйхати ҳамаи шахсоне, ки иҷозати ҳафриёт доранд, бояд дар сайти Вазорати фарҳанг дастрас бошад.

5. Ҳавасмандкунӣ: Қонун набояд танҳо аз ҷазо иборат бошад. Он бояд барои ёфтани тасодуфии бозёфтҳо мукофот ва барои сарпарастони ҳафриёти бостоншиносӣ имтиёзҳои андозӣ пешбинӣ кунад.

ЧАРО ҚОНУНИ МАХСУС ЗАРУР АСТ?

Бостоншиносӣ аз меъмории таърихӣ фарқ мекунад. Агар биноро тармим кардан мумкин бошад, қабати мадании кофташударо дигар наметавон барқарор кард. Қонуни нав бояд мафҳуми "Дахлнопазирии қабати маданӣ"-ро ворид кунад.

Пешниҳодҳои калидӣ барои ворид намудан ба Қонун

а) Танзими қатъии иҷозатномадиҳӣ: Қонун бояд муқаррар кунад, ки "Варақаи кушод" (иҷозат) танҳо ба шахсоне дода шавад, ки дорои маълумоти олии бостоншиносӣ ва собиқаи корӣ исботшуда мебошанд. Додани иҷозат ба шахсони ғайримаслакӣ бояд ҳамчун сӯйистифода аз вазифа арзёбӣ гардад.

б) Бостоншиносии нақотбахш (превентивӣ): Ин бахш бояд механизми иқтисодиро танзим кунад: Ҳама гуна сохтмон дар минтақаҳои эҳтимолии таърихӣ танҳо пас аз хулосаи хаттии бостоншиносон иҷозат дода шавад. Харочоти таҳқиқотро бояд фармоишгари сохтмон пардохт кунад. Ҳатмӣ кардани экспертиза пеш аз ҷудо кардани замин барои сохтмон. Ин бояд ба зиммаи фармоишгар (застройщик) гузошта шавад.

в) Мониторинг ва рақамикунонӣ: таъсиси Феҳристи электронии ёдгориҳои бостоншиносӣ бо истифода аз ГИС-технологияҳо. Ин имкон медиҳад, ки мақомоти маҳаллӣ ва бостоншиносон дар вақти воқеӣ ҳолати ёдгориро назорат кунанд.

г) Масъулият барои консерватсия: ҳафриёт набояд танҳо бо "кофтан" анҷом ёбад. Қонун бояд бостоншинос ва муассисаро вазифадор кунад, ки ёдгориро ё барои намоиш (музейкунонӣ) омода кунанд ва ё ба таври илмӣ дубора бо хок пӯшонанд (рекултивация), то аз боду борон ҳифз шавад.

Дар Қонуни нав бояд ба таври қатъӣ зикр гардад, ки ҳафриёти бостоншиносӣ на танҳо гирифтани ашё, балки раванди маҷмӯии таҳқиқот аст, ки аз марҳилаҳои зерин иборат мебошад:

1. Фиксатсияи стратиграфӣ ва нақшабардорӣ. Ҳар як бозёфт бояд дар контексти қабати фарҳангии худ (In situ) омӯхта шавад. Тор (сетка)-и координатҳо: барои муайян кардани макони дақиқи ҳар як бозёфт дар фазои себуъдӣ (x, y, z). Тасвирҳои стратиграфӣ: сабти дақиқи буриши амудии қабатҳо, ки хронологияи нисбии ёдгориро муайян мекунанд. Кофтани беш аз як қабат дар як вақт бидуни фиксатсияи қабати қаблӣ бояд ҳамчун вайронкунии методикаи илмӣ эътироф шавад.

2. Таҳлили камералӣ ва лабораторӣ. Яке аз "бадиҳои" бостоншиносии имрӯза ин аст, ки таҳқиқот дар майдони ҳафриёт ба охир мерасад. Қонуни нав бояд талаб кунад, ки таҳлили трасологӣ ва спектралӣ, омӯзиши изи истифодаи асбобҳо ва таркиби химиявии металлҳо/сафол, таҳлилҳои Радиокарбон ва ДНК, барои ёдгориҳои давраи асри санг ва биринҷ, гузаронидани таҳлилҳои физико-химиявӣ барои муайян кардани санаи мутлақ (C^{14}) бояд ҳатмӣ бошад.

3. Коркарди бозёфтҳои антропологӣ ва остеологӣ. Ғайримаслакон аксаран устухонҳои одам ва ҳайвонотро ҳамчун "маводи дуюмдараҷа" мепартоянд. Қонун бояд ҳифз ва таҳқиқи маводи биологиро ҳамчун манбаи иттилоот дар бораи палеодемография, ғизо ва бемориҳои гузаштагон талаб намояд.

4. Стандартизатсияи ҳисоботи илмӣ

Иҷозатномаи нав танҳо пас аз қабули ҳисоботи муфассали илмӣ дода мешавад, ки дар он бояд мавҷуд бошад: дафтари саҳроии ҳафриёт (Полевой дневник), албоми нақшаҳо ва фотофиксатсияи рақамии бозёфтҳо, санади супоридани ашё ба фонди осорхонаҳои давлатӣ.

Ҳангоми таҳияи Қонуни нав бояд аз адабиёт ва санадҳои зерин истифода шавад:

1. Конвенсияҳои байналмилалӣ (Стандартҳои ЮНЕСКО): Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳифзи мероси археологӣ (Валлетта, 1992): Санади калидӣ, ки мафҳуми "археологияи наҷотбахш"-ро ҷорӣ кардааст.

Конвенсияи ЮНЕСКО (1970): Оид ба воситаҳои манъ ва пешгирии воридот, содирот ва интиқоли ғайриқонунии моликияти бозёфтҳои фарҳангӣ.

Хартияи Лозанна (1990): Оид ба ҳифз ва идоракунии мероси археологӣ, ки аз ҷониби ИКОМОС (ICOMOS) қабул шудааст.

2. Таҷрибаи қонунгузории кишварҳои хориҷӣ:

Қонуни Федералии Русия, №73-ФЗ: "Об объектах культурного наследия...". Муҳим барои омӯзиши низоми "Варақаи кушод" (Открытый лист).

Кодекси мероси Фаронса (Code du patrimoine): Беҳтарин намунаи танзими "археологияи шартномавӣ" ва фаъолияти ниҳодҳои давлатии археологӣ (INRAP).

Қонунгузории Ҷумҳурии Ӯзбекистон: "Дар бораи муҳофизат ва истифодаи объектҳои мероси маданӣ" (таҳрири нав), ки барои муқоисаи минтақавӣ муфид аст.

3. Адабиёти илмӣ ва методологӣ:

Р. Уилер. «Бостоншиносӣ аз замин» (Archaeology from the Earth): Китоби классикӣ оид ба методикаи стратиграфӣ ва аҳамияти сабти дақиқи ҳафриёт.

А. П. Деревянко ва дигарон. «Методика полевых археологических исследований»: Дастури муҳим барои стандартҳои ҳисоботдиҳӣ дар фазои пасошӯравӣ.

Е. Н. Носов. «Проблемы сохранения археологического наследия»: Мақолаҳо оид ба мубориза бо "археологияи сиёҳ".

ХУЛОСА

Таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бостоншиносӣ» на танҳо талаби соҳавии мутахассисон, балки як зарурати стратегӣ барои ҳифзи амнияти фарҳангии кишвар дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошад. Қонуни нав бояд заминае гардад, ки бостоншиносии Тоҷикистонро ба меъёрҳои байналмилалии ЮНЕСКО ва ИКОМОС наздик карда, ёдгориҳои беназири моро ҳамчун сарвати умумибашарӣ ба ҷаҳониён муаррифӣ намояд. Танҳо бо такя ба илми дақиқ, технологияҳои муосир ва заминаи қавии ҳуқуқӣ мо метавонем рисолати таърихии худро дар назди гузашта ва ояндаи миллат сарбаландона иҷро кунем.

Муҳсин БОБОМУЛЛОЕВ,
бостоншинос



КУШТА ШУДАНИ ҚАҲРАМОНИ ҶАҲОН

Муҳаммадалӣ Саъдуллоев, размикори 15-солаи тоҷик дар пайи муноқишаи гурӯҳе аз наврасон кушта шудааст. Ин ҳодиса шаби 11 ба 12-уми январ дар шаҳри Кӯлоб рух додааст.

Гуфта мешавад, ки муноқишаи наврасон дар пайи нофаҳмиҳои лафзӣ сар задааст, ки дар натиҷа ба дили Муҳаммадалӣ яке аз наврасон корд задааст. Ӯ дар ҷойи ҳодиса ҷон додааст, ҳатто то беморхона рафтан фурсат надошт. Корд дар тарафи дилаш 12 сантиметр даромадааст. Падари Муҳаммадалӣ баъди шунидани марги писараш 12-уми январ аз Русия ба Тоҷикистон омадааст.

Ҷанозаи Саъдуллоев ҳамон рӯз вақти намози пешин дар шаҳраки 10-уми шаҳри Кӯлоб хонда шуда, ҷасадашро ба хок супурданд.

Ҳамчунин дар пайи ин ҳодиса ду нафари дигар низ захмӣ шуда, ҳоло дар беморхона бистарианд.

Радиои "Озодӣ" менависад, ки дар пайванд ба ин ҳодиса бо иттиҳоми "қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ва авбошӣ" парвандаи ҷиноятӣ боз гардида, ду гумонбар боздошт шудаанд ва тафтиши парванда идома дорад.Бояд гуфт, навори муноқишаи гурӯҳе аз наврасон нахуст дар шабакаҳои иҷтимоӣ роҳ ёфт, ки тавваҷуҳи корбаронро ҷалб кард. Дар ин навор иштироки 7 наврас дида мешавад. Дар пайи занозанӣ яке аз онҳо захмӣ шуда, ба замин меафтад.

Муҳаммадалӣ Саъдуллоев дар соли 2024 унвони қаҳрамони ҷаҳон оид ба муҳорибаҳои омехта ва қаҳрамони Тоҷикистон дар ин риштаро ба даст овардааст.



СУДЯ АЗ ОШЁНАИ 9-УМ АФТОДА, ҶОН ДОД

Ҷамшед Ҷамшедзода, судяи Суди конститутсионии Тоҷикистон, ки рӯзи 13-уми январ аз ошёнаи 9-уми бинои истиқоматӣ афтода, ҷон бохт, 14-уми январ дар зодгоҳаш деҳаи Шоди ноҳияи Роштқалъа ба хок супорида шуд.

Дар бораи марги Ҷамшед Ҷамшедзода нахуст корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ навиштанд ва аз ҷойи ҳодиса аксу навор гузоштанд. Ҳодисаи мазкур 13-уми январ дар маҳаллаи Гулистон (наздик ба "Сирк"-и давлатӣ) рух додааст. То ҳол маълум нест, ки Ҷамшедзода аз бино афтодааст ва ё худро ба поён партофтааст.

Аммо бархе корбарон дар шабакаҳои иҷтимоӣ худро ҳамсояи додрас муаррифӣ карда, навиштаанд, ки Ҷамшедзода мехостааст ноқили телевизорро пайваст кунад, ки "дар натиҷа сараш тоб хӯрда, ба замин афтодааст".

Назари пайвандони марҳум дар пайванд ба ин ҳодиса маълум нест. Мақомот низ то кунун расман дар ин бора хабаре надодаанд.

Фақат сомонаи Суди конститутсионии Тоҷикистон рӯзи 13-уми январ дар як баёнияи расмӣ марги Ҷамшедзодаро "талафоти бузург" хонда, гуфтаанд, ки "хизматҳои содиқонаи марҳум барои ҳокимияти додгоҳӣ ва илми ҳуқуқшиносӣ мондагор мебошад".

Ёдовар мешавем, ки Ҷамшед Ҷамшедзода аз моҳи июли соли 2019 судяи Суди конститутсионӣ таъин шуда буд. Марҳум солҳои зиёд дар Институти фалсафа ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Тоҷикистон фаъолият кардааст. Солҳои 2017-2019 дар вазифаи муовини ректор оид ба илм, инноватсия ва робитаҳои байналмилалии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Тоҷикистон кор кардааст.

Ӯ 52 сол дошт ва соҳиби ҳамсару се фарзанд буд.

ЁДЕ АЗ МЕҲМОН БАХТӢ

Аз дафтари хотироти Карорматуллоҳи Мирзо



Карорматуллоҳи МИРЗО
Нависандаи халқии Тоҷикистон

Барои аз ҷое ба ҷое расидани Меҳмон Бахтӣ хонадон таъсири зиёд дорад. Хонадоне, ки аз гузашта бофарҳанг. Аз зоти модарӣ бобои Меҳмон дар водӣ одами овозадор будаанд, дар мадрасаҳои Бухоро хондагӣ. Падари Меҳмон Муҳаббат Шарифов раиси колхоз, раиси ҷамоа. Модар Бегимоҳ шоирнамо, кони афсона. Ба гӯши Меҳмон аз хурдӣ афсона мехонда. Бародари падар Манзар Шарифов котиби аввали Ҳизби коммунисти вилоят, баъд котиби кумитаи марказии Ҳизби коммунисти ҷумҳурӣ. Меҳмон Бахтӣ ана дар ҳамин гуна ҳаво тарбият ёфта.

Номгузорӣ ҳам як ҳикояте: Ҳамон шаб дар хонаашон меҳмонҳо будаанд, яке аз ин меҳмонҳои иззатманд, оликадр, котиби аввали Ҳизби коммунисти ноҳия, меҳмондорӣ, хушию хурсандӣ. Дар ҳамин шаби меҳмондорӣ дар хона тифл ба дунё меояд. Ба вай котиби аввали ҳизб ном мегузорад. Ба шарафи меҳмонҳо ӯро Меҳмон ном гузоштааст. Аммо ин ном ба модари Меҳмон Бегимоҳ хуш наомада. Бачаи ман дар хона Меҳмон не, ҳаргиз, вай Бахт, бахти мо. Меҳмон ба хотири модар ҳарфи ӯро тахаллус мегирад - Бахтӣ.

***

Роҳи Меҳмон Бахтӣ пас аз хатми Омӯзишгоҳи педагогии шаҳраки Навобод ба Донишгоҳи омӯзгории дар он вақт ба номи Тарас Григоревич Шевченко, ҳоло Донишгоҳи омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ шуда. Ин ҷо акнун барои Меҳмон Бахтӣ ва мо барин ҳаммаслакони роҳи эҷод як мактаби бузург. Соли 1958, қариб 65 сол пеш аз ин ба факултаи таъриху филология дохил шуда будем. Гурӯҳи мо 17 нафар. Сардори синфамон Меҳмон. Ҳамаи ҳамин 17 нафар - оғоз аз Меҳмон шоиру нависандашав. Дар донишгоҳ рӯзномаи "Педагоги ҷавон" нашр мешуд. Аз замони дохил шуданамон қариб ҳамаамон ба он хабару мақола, шеър ё ҳикоя менавиштем. Дар донишгоҳ маҳфили адибони ҷавон мавҷуд будааст, роҳбараш Тилло Пӯлодӣ, қариб ҳамаи аъзои гурӯҳи ҳабдаҳнафараи мо ба он аъзо шудем. Муаллим Тилло Пӯлодӣ гуфтанд, ки аз миёни мо ягон нафарро роҳбари маҳфил интихоб мекардаанд. Хаёл доштем ягон навқалами ба назар намоёнро ба ин вазифа мегиранд. Дар ҳамин рӯзҳо шеърҳои сардори синфи мо Меҳмон бо сурататаш дар рӯзномаи "Педагоги ҷавон" чоп шуда буд. Хаёл доштем вай ё Карамшо Назаров ё Ғоиб Сафарзодаро, ки шоирони намоён ҳисоб мешуданд, роҳбари маҳфил интихоб менамоянд. Аммо устод Тилло Пӯлодӣ гуфтанд, ки Лоиқ сардори маҳфил аз миёни донишҷӯён. Лоиқ ҳам ҳамкурси мо. Лекин ягон шеъраш чоп нашуда буд, эътироз намудем. Устод Тилло Пӯлодӣ гуфтанд, ки дафтари шеърҳои Лоиқро хондаанд, вай дар оянда яке аз шоирони машҳури ҷумҳурӣ мешуда. Лоиқ роҳбари маҳфил шуд. Боз хоҳиши устод Тилло Пӯлодӣ, ки аз миёни насрнависон ҳам як нафар лозим. Як ҳикоячаи Меҳмон дар газета чоп шуда буд. Ӯ муовини роҳбари маҳфили адибони ҷавон. Меҳмон аллакай чанд вазифа дошт, ӯ узви маҳфили ҳаваскорони санъати донишгоҳ ҳам. Вай шӯх, дидадаро, бо вазифаи сардори синф буданаш машҳур. Журнали курсамон дар зери бағал шӯхӣ карда ба синфхонаи донишҷӯёне, ки нав дохил шуда буданд, медаромад. "Ман муаллиматон" мегуфт ба онҳо. Ба пешвозаш мехестанд. Баъде, ки муаллимашон меомада, вай боз ҳамон журнал дар зери бағал хандида-хандида аз назди онҳо мебаромада.

Аз миёни 17 нафар донишҷӯёни гурӯҳи мо 5 нафар узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, се нафарамон - Лоиқ Шералӣ, Меҳмон Бахтӣ, Карорматуллоҳи Мирзо соҳиби унвони шоиру нависандагони Тоҷикистон, барандагони Ҷоизаи давлатии ба номи А. Рӯдакӣ. Ин ҳама аз таъсири муҳити адабие, ки дар Донишгоҳ мавҷуд буд. Маҳфили адибони ҷавон бо роҳбарии устод Тилло Пӯлодӣ, таъсири донишу фазилати устодоне, ки дар донишгоҳ ба мо сабақ меомӯхтанд. Инҳо Носирҷон Маъсумӣ, Холиқ Мирзозода, Юрий Бобоев, Ҷонон Бобокалонова, Абдуғанӣ Эшонҷонов, Қобилшо Маликов, Муҳаммадӣ Исматуллоев...



***

Соли 1963 Донишгоҳи омӯзгориро хатм намудем. Меҳмон Бахтӣ дар Кумитаи телевизион, Лоиқ дар Иттифоқи нависандагон, банда дар нашриёт кор мекардем. Меҳмон Бахтӣ баъди хатми донишгоҳ ҳам дар ҳама ҷо "ман сардори синф будам, Лоиқу Карорматулло худашонро базӯр нигоҳ дошта мегаштанд" мегуфт. Суханони ӯ ба гӯши Лоиқ мерасад. Ба ман шӯхиомӯз гуфт, ки ба Меҳмон мегӯем, ки дар ҳар кучо ин гапҳоро нагӯяд, ман сардори синф ҳам нагӯяд.

Рӯзе Меҳмонро ба ҳучраи ман ҷеғ задем. Ман директори нашриёти "Адиб" будам. Лоиқ аз Меҳмон талаб кард, ки дигар сардори синф будам нагӯяд. Меҳмон оташин шуд, гуфт ки мо ҳақ надорем ба вай чунин амр диҳем...

***

Меҳмон Бахтӣ нависандаи намоён ҳам ҳаст. Қиссаҳои "Хубон", "Пирамард", "Оҳи сабук" ва бисёр навиштаҳои дигараш ба ин гувоҳ. Қиссаи "Хубон" ба ӯ шуҳрат овардааст. Он дар бисёр маҷаллаҳои марказии он замон дар Маскав, аз ҷумла дар рӯзномаи "Литературная газета" чоп шуда буд. Бо бисёр забонҳои дигар ҳам китоб шуда.

Қаҳрамони асосӣ Хубон. Вай зани бардаму боқувват, сардори бригада. Шавҳараш Соҳиб дар ҷанг. Бо ишқу муҳаббат хонадор шуда буданд. Ҷанг боиси барҳам хӯрдани зиндагии ширини онҳо мешавад... Қисса қиссаи аҷоиб, диққатҷалбкунанда, бисёр масъалаҳои нозуки зиндагиро дар бар мегирад. Лек дар атрофи номи ӯ овозаҳо пайдо мешаванд ва зану шавҳар ба сулҳ омада натавонистанд...

***

Меҳмон Бахтӣ арбоби намоёни давлатӣ, ҷамъиятӣ, сиёсӣ, шоир, нависанда, драматург. Ӯ дар драматургия шуҳрати беандоза ёфта. Ҳанӯз аз солҳои донишҷӯӣ ба ин ҷониби эҷод шавқу ҳавас дошт. Узви дастаи ҳаваскорони санъати донишгоҳ буд. Саҳнаҳо менавишт, онҳоро ба саҳна мегузошт. Асари аввалини саҳнавии ӯ песаи якпардагии "Муборизони роҳи озодӣ" ном дошт, ки пас аз соли аввали хатми донишгоҳ, соли 1964 навишта буд. Баъди эҷоди ин саҳнаи пурсӯзу гудоз ӯ драмаҳои "Шоҳнома", "Шоҳ Исмоили Сомонӣ", "Ҷавонӣ, эҳ ҷавонӣ", "Лаҳзаи ҷовид", "Роҳзан ва кӯзагар","Бародарон"-ро манзури оммаи тамошобинон намуд, ки аз ҷиҳати забону баён, банду баст беназиранд. Меҳмон Бахтӣ ба туфайли асарҳои саҳнавиаш, аз ҷумла барои драмаи "Шоҳнома" сазовори Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ шудааст.

МАВЛУДНОМА

14 ЯНВАР

Николай Калягин (1926-2003), 100-солагии зодрӯзи арбоби ҷамъиятӣ, Кормандди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Мирзоодил Наимов (1926), 100-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

Марям Турсунова (1951), 75-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

15 ЯНВАР

Муъмин Додобоев (1951), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Баҳриддин Муъминҷонзода (1956), 70-солагии зодрӯзи генерал-майор.

Давлат Солеҳов (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

Хуршед Ӯлмасов (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Ғайбулло Файзиев (1931), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

16 ЯНВАР

Абдуфаттоҳ Кулолӣ (Юнусов) (1941), 85-солагии зодрӯзи шоир.

Раҳимов Қодир (1946), 80-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ, ширинкор, Арбоби ҳунари Тоҷикистон, Кормандди шоистаи маданияти ҷумҳурӣ.

17 ЯНВАР

Антон Горбачевский (1936), 90-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Латофат Насриддинова (1951), 75-солагии зодрӯзи арбобзани давлатӣ.

Ширинбек Холиқов (1941), 85-солагии зодрӯзи доктори илми химия, профессор.

18 ЯНВАР

Неъмат Беняев (1951), 75-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ.

Исматҷон Пӯлодов (1956), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Абдуназар Раҳмонқулов (1966), 60-солагии зодрӯзи забоншинос.

Парда Сариев (1956), 70-солагии зодрӯзи журналист.

19 ЯНВАР

Гадойбой Алиев (1901-1989), 125-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Ҳаким Шоймардонов (1941-1978), 85-солагии зодрӯзи файласуф.

20 ЯНВАР

Мазбутҷон Воҳидов (1951), 75-солагии журналист, собиқадори матбуот.

Гулос Меҳрубонов (1946-1993), 80-солагии зодрӯзи арбоби ҷамъиятӣ.

Аҳмадҷон Неъматов (1946-2013), 80-солагии зодрӯзи забоншинос.

Султон Саидов (1966), 60-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Наимҷон Юнусов (1956), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

МЕФУРӮШАМ

2-ҲУҶРАГӢ

НОҲИЯИ СИНО

Хонаи 2-ҳуҷрагӣ, ҳамааш ҷудо, бо шароит, чаппа карда намешавад, Қарияи боло. Тел.: 876-962-000

3-ҲУҶРАГӢ

НОҲИЯИ СИНО

Хонаи 3-ҳуҷрагӣ, 87 кв.м., 2-юм ошёна, бинои 10-ошёна, навбунёд, 4 тиреза, ҳамааш ҷудо, к. Навбаҳор, 670 000 сомонӣ, боз савдо мешавад. Тел.: 918-20-67-55, 93-151-77-00

4-ҲУҶРАГӢ

Фаврӣ! Хонаи 4-ҳуҷрагӣ, 3-юм ошёна, хонаи 5-ошёна, таъмири миёна, Зарафшон-2, М-3, хонаи 4, 90 000 у.е., боз савдо мешавад. Тел.: 939-04-11-63

ХОНА

НОҲИЯИ ШОҲМАНСУР

Хонаи 4-ҳуҷрагӣ, 2,5 сот. замин, назди фурудгоҳ. Тел.: 208-90-90-10

Стенкаи 5-қисмаи "Беларусь", қаҳваранг, мизи миллӣ, мизи хатнависӣ, аробачаи кӯдакона, матрасҳо аз поролон, трюмо, мизи ошхона, кондитсионер, китобҳо, ашёҳои кӯдакона. Тел.: 98-733-56-08

МЕХАРАМ

Оҳанпора ва коғаз мехарам. Тел.: 944-33-35-55

Курпа ва курпача, сандуққо, зарфҳо, асбобҳо мехарам. Тел.: 944-33-35-55

Ашёҳои истифодашуда, зарфҳо, гарнитурҳои хонаи хоб мехарам. Тел.: 908-06-60-00, 986-17-62-62

Қолинҳо, курпа, курпачаҳо, зарфҳо, мебел мехарам. Тел.: 918-37-47-50, 988-01-04-88, 987-46-09-85, 907-09-19-78, 55-237-87-87, 944-33-96-33

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, металлолом, макулатура, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинҳои ҷомашӯй, мошинҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва вата мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, металлолом, макулатура, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинҳои ҷомашӯй, мошинҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва вата мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Ҳайкалчаҳо, тангаҳо, нишонҳо, соатҳо, зеристаконҳо, маркаҳо ва дигар ашёи даврони советӣ мехарам. Тел.: 98-109-15-15

Флягҳо, курпачаҳо, қолинҳо, медалҳо, нишонҳо, асбобҳо, зарфҳо, дегҳо, тангаҳо, соатҳои советии кориву ғайрикорӣ, ҳайкалчаҳо, металлолом, техникаи маишӣ мехарам. Тел.: 904-09-59-17, 108-99-99-34, 401-99-89-89

Флягҳо, курпачаҳо, қолинҳо, медалҳо, нишонҳо, асбобҳо, зарфҳо, дегҳо, тангаҳо, таҷҳизоти советӣ, ҳайкалчаҳо, металлолом, макулатура мехарам. Тел.: 985-98-04-15, 988-33-73-61, 100-33-73-61, 905-98-77-88

Кондитсионерҳои ғайрикорӣ мехарам. Тел.: 944-33-35-55

Компютерҳои ғайрикорӣ, оперативная ва материнская плата мехарам. Тел.: 944-33-35-55

ИҶОРА МЕДИҲАМ

НОҲИЯИ СИНО

Хонаро ба меҳмонҳо иҷора медиҳам, люкс. Тел.: 98 849-44-44

КОР ВА ХИЗМАТРАСОНӢ

Ба дастаи мо дӯзанда барои дӯхтани либосҳои махсус лозим аст. Маоши хуб, ҷои кори бароҳат, пардохтҳои саривақтӣ, бо имконияти баланд шудани маош ва пешрафти касбӣ. Хӯроки нисфирӯзӣ аз ҳисоби корхона таъмин карда мешавад. Тел.: 935-49-00-05

Тозакории босифат, поккорӣ баъди таъмир, поккории куллӣ. Тел.: 901-51-01-50, 111-40-04-86

Дуредгар. Тел.: 88-00-372-72, Владимир

Таъмири ҳуҷраҳо: кафел, шифтҳои шаклдор, шпаклевка, ламинат, обой. Тел.: 915-40-94-74, 918-30-21-57

Таъмири ҳуҷраҳо. Тел.: 987-70-47-03

Евроремонти ҳуҷраҳо. Стяжка, шпаклевка, сафедкунӣ, обой, ламинат, кафел, гипсокартон, пластика, МДФ, сантехникӣ ва ғайра. Тел.: 915-97-45-99

Газовик. Тел.: 988-61-10-57

Хизматрасонии кафелчин. Тел.: 87-639-04-04

Кафелчин, сантехник, электрик. Насби дарҳо. Тел.: 933-16-34-31

Кафелчини касбӣ, сантехник. Тел.: 915-58-71-31

Хизматрасонии кафелчин, босифат. Тел.: 93-573-23-97

Кафел мечинам. Тел.: 93-998-50-58

Мебел бо фармоиш. Тел.: 00-933-47-47

Ҷудокунӣ ва васлсозии мебел. Тел.: 87-380-65-65

Таъмир ва тармими дилхоҳ мебел. Мебел бо фармоиш. Тел.: 900-01-12-54

Ҷудокунӣ-васлсозӣ ва таъмири мебел. Тел.: 00-166-83-57

Мебел бо фармоиш. Тел.: 907-50-39-50

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шиносномаи А02821944, ба номи Сангов Суҳроб Азизуллоевич, 06.01.2020, ШВКД н. Ҷайҳун, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникии мошин, DB0132097, рақами давлатии мошин 1754EE01, Ҷалилов Мирзоамин Мирзораҳимович, 11.05.2017, ШБИ РБДА ВКД ҶТ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи А01364292, ба номи Шарипова Марҷона Файзалиевна, 15.05.2018, ШВКД ш. Ваҳдат, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи А05973087, ба номи Ташлинцева Анастасия Алексеевна, 31.07.2025, ШВКД-1 н. Фирдавсӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ба номи Зияев Ятим, ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Восеъ 38, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ба номи Хотамова Ҷиёнгул Норқулоевна, ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Н. Қарабоев 63/2, ҳ. 26, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи хариду фурӯш дар реестри №6Д-2890, аз 15.11.2002, ба номи Хотамова Ҷиёнгул Норқулоевна, ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Н. Қарабоев 63/2, ҳ. 26, нотариуси давлатии Идораи нотариалии марказии шаҳри Душанбе, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникии №10890, аз 01.03.2007, ба номи Почоев Мирзо, ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Т. Шарқӣ, маҳаллаи 3, қитъаи 243, аз сабаби сӯхтанаш беэътибор дониста шавад.

Қолинҳои нав ва истифодашуда, курпачаҳо, занавескаҳо, зарфҳо, яхдонҳо, мошинҳои ҷомашӯй, либоси занонаву мардона, мебел ва дигар чизҳоро мехарам.

Тел.: 985-59-72-70, 900-10-60-16,

апаи Шаҳодат

Аттестати синфи 11, АТУ №008159, ба номи Маҳмадова Ганҷина Ҷурабеговна, соли 2014, МТМУ №27-и н. Файзобод, д. Фатҳобод, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи ҳамкорӣ ва сармоягузорӣ дар сохтмони хонаҳои истиқоматӣ дар хиёбони Н. Махсум, маҳаллаи Зарафшон-2 таҳти феҳристи рақами 2Ш-24 аз 08.01.2015, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. Исмоили Сомонӣ ба номи Кутбулинов Шарифхуҷа Додархоҷаевич тасдиқ гардидааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатномаи ронандагии АА0869217, ба номи Сангов Суҳроб Азизуллоевич, 22.01.2020, ШБИ РБДА ВКД ҶТ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлӣ ба номи Шоева Ороста, н. Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чимтеппа, д. Гулбутта, хонаи 423, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Муҳри ҶДММ “Нигоҳи Нави Фарҳанг”, РМА: 040061738, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи А05206222, ба номи Раҳмонова Шаҳноза Ҳусайновна, 29.11.2023, ШВКД дар н. Фархор, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи ба моликият супоридани квартира барои бартарафсозӣ бо шарти пайдо кардани ҳуқуқи моликият ба квартираи дар хонаи навбунёдшуда таҳти феҳристи 1Ш-1229, аз 16.08.2018, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба номи Исоматов Усман тасдиқ гардидааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дафтари ҳавлӣ ба номи Ҳукматов Тоҳир Мирзошоевич, ш. Душанбе, н. Сино, 2 гузаргоҳи к. Б. Ғафуров, х. 4, ҳ. 19, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ, ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, маҳ. Чинора 2, к. А. Махсум, хонаи 95, ба номи Муродов Ҷурабек, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ, ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. М. Гвардия 155-2, ба номи Саидов Ғани Раззоқович, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Таъзия

Гурӯҳи дӯстон ба узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси шаҳри Панҷакент Абдухолиқ Холиқзода бинобар даргузашти

ХОҲАРАШОН

изҳори ҳамдардӣ мекунанд ва ба пайвандону наздикон аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил мехоҳанд. Равони марҳум шод бошад!

➔ Шиносномаи техникии №10613, ба номи Хусенов Бахридин Абдулжаборович, ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. А. Дониш, х. 24, ҳ. 50, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Аттестати синфи 9, №11638189, ба номи Холмирзоева Моҳинисо Бобоевна, соли таҳсили 1991-1992, МТМУ №42-и н. Варзоб, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Патенти с/и ба номи Эсанова Мадина Халимбоевна, №0565021, РЯМ: 0230082839, санаи судур 27.08.2022, Нозироти андоз дар н. И. Сомонӣ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Дипломи ҶТ, №0170481, қайд №245, ба номи Ёрзода Саидҷафар Файзмаҳмад, 25.06.2022, Литсейи касбии техникии нақлиёти автомобилии ш. Душанбе, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатномаи махсуси с/и, РЯМ: 335052373, ба номи Хасанов Шариф Хушвахтов, ки дар н. Ҷ. Балхӣ дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатномаи НДС ҶДММ "МТ Фазо", №1, РЯМ: 0310019793, РМА: 030031402, воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХЎРАД

➔ ҶДММ "Диёр Инжиниринг", №0281344, РЯМ: 0410034552, РМА: 040056370, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ Кооперативи тиҷоратии "Саматобод", РЯМ: 0710008640, РМА: 070008734, ки аз 12.04.2002 дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ОМӮЗИШ

➔ Забони англисӣ барои кӯдакон. Тел.: 903-02-87-07

➔ Курсҳои Excel. Тел.: 93-744-60-60

➔ Репетитори забони русӣ. Тел.: 88-855-78-17

➔ Курсҳои ронандагӣ. Тел.: 11-030-13-11

➔ Курсҳои копютерӣ. Тел.: 903-02-87-07

ТАНБАШАВИИ АВТОМОБИЛҲО ДАР РОҲИ ДУШАНБЕ – ЧАНОҚ ЧӢ САБАБ ДОРАД?

ТИБҚИ ТАҲЛИЛИ МУТАХАССИСОН, ТАНБАШАВИИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ ДАР ШАҲРҲО БА АФЗОИШИ ШУМОРАИ НАҚЛИЁТИ ШАХСӢ, МИҚДОРИ ЗИЁДИ АВТОМОБИЛҲОИ БА ШАҲР ВОРИДШАВАНДА, ЧАРОҒАКҲОИ РОҲНАМОВУ ГУЗАРГОҲҲОИ ПИЁДАГАРД, ШУМОРАИ ТАВАҚҚУФГОҲҲО, АЗ ҶУМЛА, ТАВАҚҚУФГОҲҲОИ ПУЛАКӢ, ТЕЪДОДИ ТАКСӢ ВА ҲОЛАТИ ИСТГОҲҲОИ НАҚЛИЁТӢ ВОБАСТА АСТ. ДАР ШОҲРОҲҲО БОШАД, МУШКИЛОТИ ЗИКРШУДА ИСТИСНО БУДА, ТАНБАШАВИИ АВТОМОБИЛҲО ХЕЛЕ КАМ БОЯД БА АМАЛ ОЯД. БА ШАРТЕ, КИ РОНАНДАГОН ҚОИДАҲОИ ҲАРАКАТ ДАР РОҲРО РИОЯ НАМОЯНД.





Масъулини ширкати IRS, ки тибқи шартномаи консессионӣ бо Ҳукумати мамлакат нигоҳдориву хизматрасонии роҳи Душанбе - Чаноқ ба зиммааш вогузор аст, борҳо таъкид намудаанд, ки маҳз бетафовутии як идда ба тавсияҳои кормандони филиали Ширкат дар бобати бе омодагии ҷиддӣ сафар накардан, худдорӣ намудан аз сафар бо воситаҳои нақлиёте, ки тири пешбар надоранд, ба ҷой наовардани эҳтироми ҳамдигар, аз ҷумла ба муқобили самти ҳаракат баромадан боиси ба вуҷуд омадани танбашавӣ дар роҳи Душанбе-Чаноқ мегардад.

Маҳз бетафовутиву худхоҳии як идда ронандагон рӯзҳои охир, замоне, ки боридани барф пуршиддат ва тармафарӯ зиёд буд, боиси ба вуҷуд омадани танбашавӣ дар масири мазкур гардид. Бояд гуфт, ки бинобар дар минтақаи аз лиҳози ҷуғрофӣ душвори кӯҳистон ҷойгир будани роҳи Душанбе - Чаноқ коркарди он бо маводи зиддилағжиш мунтазам, аксар маврид шабона низ бояд амалӣ шавад. Бинобар ин, кормандони IRS шабона фаъолият карда, дар ин замина оқибатҳои тармафарӯ фавран бартараф ва роҳ бо маводи зиддилағжиш коркард мешавад. Боиси нигаронии ҷиддӣ аст, ки аксар ронандагон қоидаҳои ҳаракат дар роҳро умуман риоя накарда, аз ҷумла ба муқобили самти ҳаракат баромаданд. Дар натиҷа, ҳам худашон дар бунбаст монданд ва ҳам ба гузариши дигарон монеа эҷод карданд. Ба ибораи дигар, ягона сабаби дар рӯзҳои сербориш маҳдуд гардидани ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар роҳи Душанбе - Чаноқ фарҳанги нисбатан пасти баъзе ронандагон мебошад.

Табиист, ки дар чунин ҳолат ашхоси аз асли масъала ноогоҳ, онҳое, ки сабабу омилҳои ба вуҷуд омадани танбашавии воситаҳои нақлиётро намедонанд, IRS-ро гунаҳкор медонанд. Чунин ҳолат бештар дар километрҳои 63-84-уми роҳи мазкур (пеш ва баъд аз нақби Истиқлол, ҳудуди ноҳияҳои Варзобу Айнӣ) ба мушоҳида расид. Ҳамчунин, бинобар танбашавӣ сари вақт сафарбар намудани техникаҳои махсусгардонишудаи IRS ба макони тармафарӯ ва қитъаҳое, ки боридани барф пуршиддат аст, ғайриимкон гардид. Сабаби дигари ба вуҷуд омадану тӯл кашидани танбашавӣ автомобилҳои боркаши ядақдор ва фураҳо мебошанд, ки ронандагони бемасъулияту бетафовут дар роҳ гузошта, ғайб задаанд. Боиси нигаронии ҷиддӣ он аст, ки қисми зиёди автомобилҳои мавриди назар дар байни роҳ қарор дошта, аз ҳолаташон бармеояд, ки ронандагон бе омодагии марбут ба мавсими сармо ба роҳ баромадаанд.

Давоми се рӯзе, ки боридани барф дар ин масир пуршиддат буд, кӯшиши кормандони филиали Ширкат дар якҷоягӣ бо масъулини БДА барои дарёфти соҳибони ин автомобилҳо бенатиҷа анҷом ёфт. Табиист, ки дар ин муддат автомобилҳои зикршуда ба ҳаракати дигар воситаҳои нақлиёт монеа эҷод карда, ҳатто ҳолатҳои садамавиро ба вуҷуд оварданд. Бинобан, кормандони IRS бори дигар аз ронандагон хоҳиш менамоянд, ки ҳангоми ҳаракат дар роҳи Душанбе - Чаноқ эҳтироми ҳамдигарро дар роҳ ба ҷо оранд ва қоидаҳои ҳаракат дар роҳро қатъиян риоя намоянд.

Аз маълумоти воситаҳои ахбори омма, сомонаи филиали ширкат ва саҳифаи он дар шабакаҳои иҷтимоӣ метавон хулоса кард, ки ҳолати он хеле бехтар аст. Бо назардошти мавқеи ҷуғрофии ҷойгиршавӣ роҳи Душанбе - Чаноқ нигоҳубини 24-соатаро талаб менамояд. Дар сурати каме бетафовутӣ ба нигоҳдории он мушкилии зиёд рӯи кор меояд. Агар дар фасли тирамоҳу зимистон кормандони IRS ба бартараф намудани тармаҳо, мунтазам тоза намудани роҳ аз барф ва коркарди он бо маводи зиддилағжиш машғул шаванд, дар мавсими гармо таъмиру тақдиди роҳ, рафъи пайомади бориши борон, омадани сел, лағжиши кӯҳпора, соҳилмустаҳкамкунӣ самти асосии фаъолият аст. Бе муболиға метавон гуфт, ки тӯли фаъолият роҳбарият ва кормандони IRS, ки дар асоси шартномаи консессионӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳдории роҳи Душанбе - Чаноқ ба зиммаашон вогузор гардидааст, рисолати хешро бо масъулияти баланд иҷро карда, дар ин раванд ба маънои том кордониву масъулиятшиносӣ зоҳир карда истодаанд.

Мунтазам будани бориши барф ва тармафароии бениҳоят зиёди охири соли 2025 ва оғози соли равон дар роҳи Душанбе - Чаноқ бори дигар кордониву ҷасорат ва масъулиятшиносии роҳбарияту кормандони IRS-ро ба маъраз гузошт. Дар мавсими имсола ҳарчанд дар водиҳо барф нисбатан камтар аст, вале дар минтақаҳое, ки роҳи зикршуда аз онҳо мегузарад, боридани барф тӯлонӣ ва тармафарӯ зиёд буд. Ҷоиз ба зикр аст, ки давоми рӯзҳои охир кормандони IRS зиёда аз 41 тармаи хурду калонро бетаъхир бартараф карданд. Ронандагону мусофирон эътироф карданд, ки дар мавсими сармо кормандони IRS шабонарӯзӣ роҳро бо маводи зиддилағзиш коркард, ҳазорҳо тармаро бетаъхир бартараф месозанд, автомобилҳои дар роҳ дармондаро ба макони амн интиқол медиҳанд, мусофиронро муваққатан дар хонаҳои устоҳои роҳ ҷойгир карда, ба ронандагону мусофирон ғизо тақсим мекунанд. Муҳим он аст, ки IRS соҳиби пойгоҳи пуркуввати техникӣ буда, шумораи техникаву механизмҳои он ба 242 адад расидааст. Дар оянда зиёд намудани он мадди назар аст, зеро бе техникаву механизмҳои муосир тибқи талабот роҳандозӣ намудани фаъолият ғайриимкон аст.

Бо дарки масъулият метавон гуфт, ки кормандони ғаюри IRS аз бисёр имтиҳону озмоишҳо бо сари баланд гузашта, вазифаи худро дар сатҳи хубу сифати баланд иҷро карда истодаанд. Ҳоло дар филиали Ширкат 872 нафар фаъолият дошта, давоми 16 соли фаъолият 11 корманди ширкати мазкур зимни иҷрои вазифа, асосан бартарафсозии тармаҳо ҳалок шуданд.

Дар маҷмуъ, рӯз то рӯз болотар рафтани манзалати филиали Ширкат дар ҷомеа ва тамоюли афзоишро касб намудани маҳбубияти он миёни мардум, пеш аз ҳама, натиҷаи ҳамин қонфидоиҳост.

Бобоҷони НЕЪМАТУЛЛО



МАНДАРИН – КОНИ ВИТАМИН

Дарахти ҳамешасабзи мандарин ба оилаи меваҳои ситрусӣ дохил мешавад ва дар Ҳиндустон, Кореяи Ҷанубӣ, Хитой ва Япония меруяд.

Дар таркиби ин мева кислотаҳои органикӣ, шакар, аскорбин, тиамин, рутин ва фитонсидҳо мавҷуданд. Дар пӯст миқдори зиёди равғани эфир дорад.

Мандаринҳо манбаи хуби витамини В ва С мебошанд. Дар фасли зимистон барои таъмини захираҳои витаминҳо дар организм, мустаҳкам кардани системаи иммунӣ муҳим аст. Истеъмоли мандарин иштиҳоро мекушояд, раванди мубодилаи моддаҳоро беҳтар мекунад ва бо микробҳо мубориза мебарад.

Мандарин сарфи назар аз фоидаҳо ҳангоми бисёр истеъмол кардан аксуламалҳои аллергиро ба вуҷуд меорад. Истеъмоли мандарин барои бемориҳои гастрит ва илтиҳоби рӯда тавсия дода намешавад.

6 МАҲСУЛОТИ МУФИД ДАР ЗИМИСТОН

Дар фасли зимистон организми инсон назар ба дигар фаслҳои сол ба витаминҳо ниёз пайдо мекунад. Мо ба шумо 6 маҳсулоти аз витамин бойро тавия медиҳем, ки дар зимистон муфиданд.



1. Карами хобонидашуда. Он ҳатто аз карами тару тоза солимтар ва аз витаминҳои В, С ва бактерияҳои кислотаи лактикӣ бой аст.

2. Мураббои смородина. Бо ёрии он шумо организмро бо витаминҳои В, С, Е, D, Р, К бой мегардонед. Он иммунитетро ба таври комил беҳтар мекунад, ба организм дар мубориза бо вирусҳои гуногун кумак мерасонад.

3. Меваҳои ситрусӣ (лимон, афлесун ва грейпфрут). Миқдори зиёди кислотаи аскорбин, витаминҳои А, В, РР, магний, калий, оҳан, фосфор, натрий, калсий доранд.

4. Шовул ва исфаноҷ (шпинат). Ҳатто дар ҳолати яхкардашуда онҳо муфиданд. Илова бар ҳамаи витаминҳо онҳо дорои мис, руҳ ва марганес мебошанд.

5. Қаланфури булғорӣ. Рагҳои хунро мустаҳкам мекунад, гардиши хуни мағзи сарро ба эътидол меорад, рушди атеросклерозро пешгирӣ мекунад.

6. Пиёзи кабуд. Иммуномодулятори муфидтарин дар байни маҳсулот дар фасли зимистон аст.

ДУ РОҲИ ОСОНИ ХАРОБШАВӢ

Ду-се соли охир хеле зиёд фарбеҳ шудам. Сабаби фарбеҳии ман шояд кори камҳаракат карданам аст. Дӯстон тавсия медиҳанд, ки машқ кардан даркор, вале бо сабаби зиёд будани вазнам давидан барои ман хеле душвор аст. Оё роҳи дигари харобшавӣ мавҷуд аст?

Мирзо САИДОВ, сокини шаҳри Душанбе



Посух:

- Фарбеҳии аз ҳад зиёд ба саломатии инсон зарар дорад, барои ҳамин кӯшиш кунед, ки вазни зиёдатиатонро ҳарчи тезтар партоед. Барои ин шумо бояд аз хӯрдани хӯрокҳои сергӯшт, хамирӣ ва равғанӣ қатъиян даст кашида, фақат хӯрокҳои сабуки обҷӯш ва меваю сабзавот истеъмол намоед. Кӯшиш кунед, ки баъди соатҳои 4-5-и бегоҳ дигар аслан хӯрок нахӯред. Шабона пеш аз хоб як кефир нӯшида, баъд ба ҷойгаҳ дароед, он ҳам дарунро поккорӣ мекунад ва ҳам ба партофтани вазни зиёдатӣ мусоидат менамояд. Ҳатман бо варзиш машғул шавед ва бештар дар ҳавои кушод пиёда роҳ гардед. Дар баробари ин амалҳо ман ба шумо боз чанд гиёҳеро тавсия медиҳам, ки ба об кардани равғани бадан мусоидат менамоянд:

Якум. Решаи чоқла, раҳдавак, пудинаи куҳӣ, риши ҷуворӣ, алафи газанда ва бобунаро ба андозаи баробар гирифта, ҳар рӯз ду қошуқ аз ин гиёҳҳои омехташударо дар зарфе андозед ва аз болояш 400 грамм оби ҷӯш резад. Пас аз ду соат гиёҳобро полонед ва дар як рӯз 3-4 маротиба нимпиёлагӣ пеш аз хӯрок бинӯшед. Ин амалро ду-се ҳафта ҳамарӯза такрор кардан лозим аст, то натиҷаи дилхоҳ ба даст ояд.

Дуюм. Як қошуқ риши ҷувориро дар термос андохта, аз болояш 200 грамм оби ҷӯшидаро резед ва даҳони зарфро маҳкам карда, монед як-ду соат истад. Ин гиёҳобро рӯзе се маротиба ним соат пеш аз хӯрок нӯши ҷон намоед, дар давоми ду ҳафта хеле хароб мешавед.

Тақвими Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Ҳафтаи нав бо эҳсоси ачиб оғоз меёбад. Имконият доред робитаҳои кӯҳнаро аз нав зинда кунед ё бо шахсиятҳои арзанда шинос шавед. Миёнаи ҳафта эҳтиёт кунед, то суханони шитобкорона боиси нофаҳмӣ нашаванд.



Савр
21.04 - 21.05

Ин ҳафта худро устувор ва боэътимод ҳис мекунед. Муносибат бо наздикон гармтар мешавад ва метавонед масъалаҳои деринаро ҳал кунед. Дар касбу кор сабру таҳаммул нишон диҳед, натиҷаашро дер ё зуд мебинед.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ҳафтаи нав барои муошират ва суҳбатҳои муҳим мусоид аст. Метавонед фикрҳои худро равшан баён намуда, кумаку дастгирии дигаронро ба даст ored. Аммо миёнаи ҳафта эҳтиёт шавед: ҳар суханро беандеша нагӯед.



Саратон
22.06 - 23.07

Ин ҳафта эҳсосотатон қавитар мешавад, бештар ба оила ва наздикон майл мекунед. Фурсат пайдо мешавад, ки масъалаҳои хонаводагиро оромона ҳал намоед. Дар кор шитоб накунед, ҳама чиз тадричан ба даст меояд. Миёнаи ҳафта аз хастагии равонӣ эҳтиёт шавед.



Асад
23.07 - 22.08

Ҳафтаи навро бо нерӯи дучанд оғоз мекунед. Шумо метавонед диққати дигаронро ба худ ҷалб намоед ва ташаббус нишон диҳед. Дар касбу кор имконияти хуб барои нишон додани қобилиятҳоятон вучуд дорад. Рӯзҳои истироҳат беҳтараш оромтар бошед.



Сунбула
23.08 - 22.09

Ҳафта барои тартиб додани корҳои шахсӣ ва касбӣ хеле муносиб аст. Шумо метавонед нақшаҳоро дақиқ созед ва камбудиҳоро ислоҳ намоед. Дар касбу кор диққат ба ҷузъиёти хурд натиҷаи хуб медиҳад. Дар миёнаи ҳафта аз изтироби зиёдатӣ худдорӣ кунед.



Мизон
25.09 - 22.10

Ҳафтаи нав барои барқарор кардани тавозун дар зиндагӣ мусоид аст. Муносибатҳо бо атрофиён беҳтар мешаванд, агар шумо омодаи гӯш кардан бошед. Дар касбу кор ҳамкорӣ натиҷаи хуб медиҳад. Миёнаи ҳафта эҳтиёт бошед, қарорҳоро бо шитоб қабул накунед.



Ақраб
23.10 - 22.11

Ин ҳафта эҳсосоти шумо амиқтар мешаванд. Шумо метавонед масъалаҳои муҳимро фаҳмед ва қарорҳои ҷиддӣ қабул кунед. Дар муносибатҳо ростқавлӣ муҳим аст, вале сахтгир набошед. Дар миёнаи ҳафта эҳтимоли асабонӣ шудан вучуд дорад, худро идора кунед.



Қавс
25.11 - 21.12

Ҳафтаи нав мехоҳед чизҳои нав омӯзед ё нақшаҳои ҷолиб созед. Дар касбу кор имкониятҳои нав пайдо мешаванд. Миёнаи ҳафта эҳтиёт шавед, то аз ҳад зиёд хаста нашавед. Бештар фикрҳои мусбат кунед, яъсу ноумедиро аз худ дур созед.



Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Ин ҳафта барои анҷом додани корҳои нотамом хеле мусоид аст. Шумо метавонед масъулиятҳоро ба тартиб дароред ва нақшаҳои дарозмуддат кашед. Дар касбу кор сабр ва устуворӣ ба шумо кумак мекунад. Миёнаи ҳафта худро аз фишори зиёдатӣ ҳифз намоед.



Далв
21.01 - 19.02

Ҳафтаи нав барои муошират ва идеяҳои нав мусоид аст. Шумо метавонед фикрҳои ҷолиб пешниҳод кунед ва дастгирии дигаронро ба даст ored. Дар касбу кор фаъолияти гурӯҳӣ натиҷаи хуб медиҳад. Миёнаи ҳафта кӯшиш кунед, ки худро аз ҳад зиёд хаста накунед.



Ҳут
20.02 - 20.03

Ин ҳафта табъатон нозуктар мешавад. Нисбати атрофиён бештар ҳамдардӣ нишон медиҳед ва онҳоро дастгирӣ мекунед. Дар касбу кор бехтараш ба садои қалби худ такя кунед. Миёнаи ҳафта вақти бештарро барои истироҳат ҷудо намоед.

ТАҚВИМ

МУСОБИҚАҲОИ БУЗУРГ ДАР СОЛИ 2026

Дар соли 2026 бузургтарин чорабинии варзишии сайёра - Ҷоми ҷаҳонии FIFA, инчунин Бозиҳои олимпии зимистона ва Бозиҳои Осиё баргузор хоҳанд шуд. Ҳар се чорабинӣ ҳар чор сол як маротиба баргузор мешаванд ва ҳар се чорабинӣ соли 2026-ро пуршукӯҳ хоҳанд кард.



Ҷоми 23-юми ҷаҳонии FIFA аз 11-уми июн то 19-уми июл дар Иёлоти Муттаҳида, Мексика ва Канада баргузор мешавад. Бори аввал 48 дастаи мунтахаб дар он ширкат хоҳанд кард. Бозиҳо дар Торонто, Ванкувер, Монтерей, Гвадалахара, Мехико ва 16 шаҳри саросари Иёлоти Муттаҳида баргузор мешаванд. Бозии ниҳоӣ дар варзишгоҳи Метлайф-стэдиум дар Ист Рутерфорд (Ню Йорк) дар назар аст. Он гаронтарин варзишгоҳи ҷаҳон аст, ки бо арзиши 1,6 миллиард доллар сохта шудааст ва дар он 82,500 тамошобин ҷой мегиранд.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон ба ин мусобиқа роҳ наёфт.

25-умин Бозиҳои олимпии зимистонаи соли 2026 аз 6 то 22-юми феврал дар шаҳрҳои Милан ва Кортина-д'Ампетсои Итолиё баргузор мешавад. Дастаҳои бехтарини ҷаҳон аз 6 то 15-уми март дар Бозиҳои паралимпиадаи зимистона дар ҳамон шаҳрҳо рақобат хоҳанд кард. Тоҷикистон пас аз танаффуси тӯлонӣ метавонад ба Бозиҳои олимпии зимистона бозгашт кунад. Айни замон чор лижарони кӯҳӣ барои гирифтани иҷозатномаҳои олимпӣ талош доранд. Мусобиқаҳои интихобӣ то охири моҳи январ идома хоҳанд ёфт. Лижаронҳои тоҷик бори охир дар Бозиҳои олимпии зимистона соли 2014 дар Сочи ширкат карда буданд.

Бозиҳои Осиёии соли 2026 - Бозиҳои XX-и Осиё аз 19-уми сентябр то 4-уми октябр дар Ҷопон, дар префектураи Айчи ва шаҳри Нагоя баргузор мешаванд. Ин бори сеюм аст, ки ин кишвар ин бозиҳоро мизбонӣ мекунад (Токио соли 1958 ва Хиросима соли 1994).

Барнома 41 намуди варзишро дар бар мегирад. Тоҷикистон низ дар ин мусобиқа иштирок хоҳад кард.

Чорумин Бозиҳои тобистонаи олимпии наврасон аз 31-уми октябр то 14-уми ноябр дар Дакар (Сенегал) баргузор мешавад. Бозиҳои Дакар аз соли 2022 бинобар коронавирус ба соли 2026 мавқуф гузошта шуда буданд. Тақрибан 2700 варзишгари аз 15 то 18-сола дар 25 намуди варзиш рақобат хоҳанд кард.

Бозиҳои олимпии наврасон 154 мусобиқаро дар бар мегиранд. Бори аввал ин мусобиқа тахти сарпарастии КБО дар Африқо баргузор мешавад. Ҳамчунин, бори аввал дар барномаи Бозиҳо мусобиқаҳои омехта баргузор намешаванд. Варзишгарони ҷавони тоҷик низ метавонанд дар ин мусобиқа ширкат варзанд.

Барои ҷудокорон оғози асосии мавсим Чемпионати ҷаҳон дар пойтахти Гурҷистон аз 4 то 10-уми октябр хоҳад буд. Пеш аз он варзишгарон қувваи худро дар мусобиқаҳои Grand Slam месанҷанд.

Бозиҳои соҳилии Осиё барои моҳи апрел (22-30) ба нақша гирифта шудаанд. Онҳо дар Саняи Чин баргузор мешаванд. Ин мусобиқа пас аз танаффуси 10-сола баргузор мешавад. Барномаи Бозиҳои 6-уми соҳилии Осиё дар Саня 14 намуди варзишро дар бар мегирад. Дастаи Тоҷикистон дар ин маъракаи бузурги варзишӣ иштирок хоҳад кард.

Сол бо Бозиҳои Осиё дар толорҳои пӯшида ва ҳунарҳои размӣ ба анҷом мерасад. Ин чорабинӣ аз 28-уми ноябр то 7-уми декабр дар Арабистони Саудӣ баргузор мешавад. Интизор меравад, ки варзишгарон аз 45 кишвари Осиё, аз ҷумла Тоҷикистон, инчунин аз Укёнусия дар он иштирок кунанд.

ҶУДО

ШАШ ПАҲЛАВОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР PARIS GRAND SLAM

Мусобиқаи ҷаҳонии ҷудо дар соли 2026 бо яке аз бонуфузтарин мусобиқаҳои тақвимӣ - Paris Grand Slam, ки рӯзҳои 7 ва 8-уми феврал дар Фаронса баргузор мешавад, оғоз меёбад. Ин мусобиқа анъанавӣ оғози мавсим аст ва қавитарин ҷудокорони ҷаҳонро гирд меорад.



Тибқи иттилои Федератсияи байналмилалии ҷудо (IJF), дар аввалин мусобиқаи сол Тоҷикистон шаш намоянда дорад. Меҳрзод Сӯфиев (60 кг), Нуралӣ Эмомалӣ (66 кг), Муҳиддин Асадуллоев (73 кг), Абубакр Шеров (81 кг), Муҳаммадҷон Абдуҷалилзода (90 кг) ва Абубакри Акобир (100 кг) дар Порис барои нишон ва ҷоизаҳо мубориза мебаранд. Рӯйхати варзишгарон метавонад ба оғози мусобиқа тағйир кунад, аммо ҳазинаи ҷоизаи мусобиқа бетағйир боқӣ мемонад. Ғолиб дар ҳар вазн 5000 евро, соҳиби нишони нуқра 3000 евро ва дорандагони нишони биринчӣ 1500 евро мегиранд.

Барномаи мусобиқа барои ду рӯз ба нақша гирифта шудааст. Рӯзи 7-уми феврал қувваозмоиҳои мардон дар вазнҳои 60, 66 ва 73 кг, инчунин қувваозмоиҳои занон дар вазнҳои 48, 52, 57 ва 63 кг баргузор мешавад. Рӯзи 8-уми феврал қувваозмоиҳои мардон дар вазнҳои 81, 90, 100 ва болотар аз 100 кг ва қувваозмоиҳои занон дар вазнҳои 70, 78 ва болотар аз 78 кг ба нақша гирифта шудаанд.

ФУТБОЛ

ҚУРЪАКАШИИ ҶОМИ ФФТ-2026 БАРГУЗОР ШУД

12-уми январ дар Душанбе маросими қуръакашии марҳилаи муқаддамотии Ҷоми ФФТ-2026 дар минтақаи Душанбе баргузор шуд.

Мусобиқаи анъанавии Ҷоми Федератсияи футболи Тоҷикистон пеш аз оғози мавсим дар ду марҳила - муқаддамотӣ ва ниҳоӣ баргузор мешавад. Дар марҳилаи аввал дастаҳо ба се минтақа - Душанбе, Суғд ва Хатлон ҷудо мешаванд.

Мусобиқа дар Душанбе 23-юми январ бо ширкати даҳ даста аз Душанбе ва ноҳияҳои атрофи он оғоз мешавад. Дар қуръакашӣ дастаҳо ба ду гурӯҳ тақсим шуданд. Чаҳор дастаи бехтарин аз минтақаи Душанбе ба марҳилаи ниҳоии Ҷоми ФФТ-2026 роҳ меёбанд.

Фонди умумии ҷоизавии мусобиқа 100 000 сомониро ташкил медиҳад. Ғолиби Ҷом бо 50 000 сомонӣ мукофотонида мешавад. Барандаи нишони нуқра бо 30 000 сомонӣ ва медали биринчӣ бо 20 000 сомонӣ сарфароз мешаванд.

Дар натиҷаи қуръакашии марҳилаи муқаддамотии Ҷоми ФФТ-2026 дар минтақаи Душанбе дар гурӯҳи «А» дастаҳои «Рангон» (Рӯдакӣ), «Сардор», «Регар-ТадАЗ» (ҳарду аз Турсунзода), «Шоҳмансур» (Душанбе), «Шодмон» (Ҳисор) дар гурӯҳи «Б» дастаҳои «Душанбе» (Душанбе), «Ҳосилот» (Фархор), «Саройкамар» (Панҷ), КМВА (Душанбе), «Барқчӣ» (Ҳисор) бозӣ мекунанд.

РЕЗААХБОР



Нимҳимоятгарони дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон Эҳсони Панҷшанбе ва Шервонӣ Мабатшоев ба ҳайси футболбози озод ба дастаи «Теренгану»-и Малайзия ҳамроҳ шуданд. «Теренгану» айни замон дар Суперлигаи Малайзия ҷойи панҷумро ишғол мекунад. Мавсими гузашта Эҳсони Панҷшанбе дар дастаҳои «Суғдиёна»-и Ҷиззах ва «Истиқлол»-и Душанбе ва Шервонӣ Мабатшоев дар дастаҳои «Капаз»-и Озарбойҷон ва «Регар-ТадАЗ»-и Турсунзода бозӣ карда буданд.

***

Тими миллии футзали Тоҷикистон 14-уми январ барои омодагӣ ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2026 ба Ҷакарта сафар кард. Даста дар ин фурсат се бозии санҷишӣ анҷом медиҳад. Сармураббии даста Пайрав Воҳидов 16 бозигарро даъват кардааст, ки инҳо се дарвозабон ва 13 бозигар ҳастанд. Дар марҳилаи гурӯҳии Ҷоми футзали Осиё-2026 тими миллии Тоҷикистон бо дастаҳои Ӯзбекистон (28-уми январ), Ҷопон (30-юми январ) ва Австралия (1-уми феврал) бозӣ хоҳад кард.

***

Маҳмадҷон Ҳабибуллоев, мутахассиси шинохтаи кишвар сармураббии дастаи "Ҳулбук"-и Восеъ таъйин гардид. Ин мураббии соҳибном мавсими гузашта бо дастаи "Сардор"-и шаҳри Турсунзода барандаи нишони нуқраи Лигаи якум шуд ва даста ба Лигаи олӣ роҳхат гирифт.

***

Мутахассиси 42-солаи испанӣ Жуан Кортез сармураббии дастаи футболи КМВА (Клуби марказии варзишии артиш)-и Душанбе таъйин гардид. Кортез таҷрибаи кор дар дастаҳои «Динамо Ҳюстон», тими ҷавонони Салвадор, «Индепенденс»-ро дорад. Ӯ дар ин вазифа мутахассиси футболи тоҷик Тоҳир Муминовро иваз кард. Тоҳир Муминов сармураббии дастаи «Парвоз» (Фурудгоҳи Хуҷанд), ки дубора баъди 10 сол ба Лигаи олӣ роҳ ёфт, таъйин шуд.

***

Наврасони футболбози то 17-солаи Тоҷикистон таҳти роҳбарии Далер Каёсов аввалин бозии дӯстонаи худро дар доираи ҷамъомади тамринӣ дар шаҳри Дубай бо ҳамсолони худ аз Арабистони Саудӣ бо ҳисоби мусовии 1:1 баргузор карданд. Ғолиби рақобат дар силсилаи пеналтӣ муайян шуд, ки дар он дастаи наврасони то 17-солаи Тоҷикистон бо ҳисоби 10:9 ғолиб омад.



ШИНОСОЙ

Рӯзи аввали ба ҳучраи беморхона ворид гаштан бо ҳампалатаҳоям шинос шудам. Марди ҳамсоли ман даст дароз карда, худро муаррифӣ кард:

- Номи ман Панҷшанбе, аз ноҳияи Ишкошим!

- Бисёр хуб, қариб ҳамном будаем, Шумо Панҷшанбе бошед, ман Ҷумъа ном дорам,- худро муаррифӣ кардам ман.

Аз ин лутфи ман шод гашт ва ман илҳом гирифта, илова кардам:

- Ана акнун ман ба хона занг мезанам, китоби шеърҳои Нодир Шанбезодаро меоранд, хонда ҳаловат мебарем. Аз телефон сурудҳои Душанбе Паллаев ва Чоршанбе Аловатовро то рӯзи якшанбе гӯш мекунем ва чӣ хел гузаштани як ҳафтаро намефаҳмем.

Ба ин шӯхиам завқ бурда, гуфт:

- Хуб, кача парто!

“ҶИП-КЛИЕНТ”

Чун дигар шифохонаҳо дар табобатгоҳи мо низ усули хизматрасонии “Вип-клиент” ҷорӣ карда шудааст. Аз ин хизматрасониҳо шахсони дорои имкониятҳои беҳтари молиявӣ бенавбат истифода мебаранд ва албатта пардохти маблағи он каме зиёдтар аст.

Беморро, ки дард азияти сахт дод, тоқат намекунад ва мехоҳад ҳарчи зудтар амалиётро гираду ба утоқи худ шитобад. Банда ҳам дар ин ҳолат будам, ҳеҷ не, ки навбати ВИП-клиентҳо тамом шавад. Дидам, ки намешавад, хилларо ба кор бурдам. Чун нафаре аз утоқи табобатӣ берун шуд, зада даромадам. Табиб ин рафтори бандаро мушоҳида карда, пурсид:

- Амакӣ, шумо ҳам ВИП-клиентед?

Худро ҷиддӣ вонамуд карда, даромадгоҳи биноро ишора кардам ва гуфтам:

- Ана ҳамон мошини ҶИП-ро мебинӣ?

- Ҳа, амакӣ, мебинам,- ҷавоб дод ӯ.

- Ана ҳамон мошини ман аст. Ман ВИП-клиент не, ҶИП-клиентам,- гуфтам ман.

- Ин тавр бошад, бе навбат дароед, амакӣ,- муроот кард табиб.

БЕМОРӢ

- Имсол соли чандон хуб набуд,- шиква кард ба дӯсташ нафаре.

- Барои чӣ, устод, соли бад набуд - ку!?

- Чӣ хел соли бад набуд, ки ман чор маротиба бемор шудам, ҳамаи маблағҳои ҷамъкардаам сарфи табобат шуд.

- Ба кадом беморихо гирифтор шудед?

- Якум бор дилкасал шудам, дуюм маротиба фишорам баланд шуд, сеюм маротиба бемории қанд азобам дод. Соли дароз аз пайи табобат будам, боз ту мегӯӣ, ки соли бад набуд.

- Бемории чоруматонро нагуфтед-ку, устод!

- Бемории чорумам ҳам дилкасал буду ҳам фишори хуну ҳам қанд.

- Инашро бори аввал мешунавам. Кай ба ин беморӣ гирифтор шудед?

- Вақте ки аз мансаб озодам карданд,- ҷавоб дод устод.

Ҷумъа МИРЗО

БОҒЧА

Модар ба писарчааш:

- Чаро имрӯз боз дар боғча хоб кардан нахостӣ?

Писарбача:

- Мехостам хоб равам, вале мураббия чунон хуррок мекашад, ки хобам намебарад.

БАДБАХТӢ

Зан аз шавҳар мепурсад:

- Мардак, дар ёдат ҳаст, ки 30 сол қабл чӣ рух дода буд?

Шавҳар:

- Бале, Иттиҳоди Шуравӣ барҳам хӯрд.

Зан:

- Эҳ мардкачон, магар фаромӯш кардед, ки рӯзи тӯямон буд?

Шавҳар:

- Бале, бадбахтӣ танҳо намеояд.

ЗИМИСТОН

Омӯзгор аз толибилмон мепурсад:

- Ман месулфам, ту месулфӣ, ӯ месулфад, мо месулфем... Канӣ кӣ мегӯяд, кадом замон мешавад?

Талабае аз партаи қафо нидо мекунад:

- Замони зимистон!

ТЕОРЕМА

Омӯзгор ба толибилмон мегӯяд:

- Акнун ман ба шумо теоремаи Пифагорро исбот мекунам.

Талабаи сустхоне аз партаи ақиб нидо мекунад:

- Муаллимачон, заҳмат накашед, мо ба шумо бовар мекунем.

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

Сканворд

